Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо бо истифодаи усулҳои ҳозиразамони таҳқиқоти биохимиявӣ ва истифодаи коркарди статистикии натиҷаҳои таҳқиқот таъмин гардид.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Муҳтавои диссертатсия бо бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 1.4. – Химия (1.4.12. – Химияи биоорганикӣ) мувофиқ мебошад:

- *банди 4.* Проблемаҳои нейрохимиявӣ ва иммунохимия, ки бо хусусиятҳои сохтории ҷузъҳои системаҳои мувофиқи биологӣ алоқаманданд.
- *банди 5.* Ҷудокунӣ ва синтези ассамблеяҳои молекулавӣ, ки функсияҳои системаҳои зиндаи табииро амсила мекунанд (масалан, фотосинтез, интиқоли импулсҳои асаб, таъсири мутақобилаи лигандҳо ва ретсепторҳо ва ғ.).
- *банди 6.* Биорегуляторҳои хурдмолекулавӣ; пептидҳо, нуклеотидҳо, гормонҳои пептидӣ ва стероидӣ, витаминҳо, липидҳо, простагландинҳо, лейкотриенҳо ва дигар метаболитҳои кислотаи арахидонӣ, алкалоидҳо ва дигар пайвастагиҳои химиявии микроорганизмҳо, занбурӯғҳо, обсабзҳо, наботот ва ҳайвонот, аналогҳои синтетикии онҳо, инчунин моддаҳои биологии фаъоли синтетикӣ (доруҳо, пеститсидҳо).

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар таҳияи мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, дар интихоби методҳои синтези пептидҳо, гирифтани комплексҳои дипептидҳои триптофандор бо иони руҳ, дар интихоби объектҳо, методи омӯзиши хусусиятҳои биологии пайвастаҳои гирифташуда ва иштирок дар таҳқиқи онҳо, дар тартиб додани хулосаҳои диссертатсия, интишори мақолаҳо ва гузоришоти илмӣ дар конференсияҳо бо натиҷаҳои асосии дар диссертатсия ҷойдошта мустақилона ё якҷоя бо ҳаммуаллифон ифода меёбад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Раванди санҷиш ва татбиқи натиҷаҳои мавзуи таҳқиқот амалан дар тамоми марҳалаҳои таҳқиқот (солҳои 2015-2021) гузаронида шудааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар шакли маърӯзаҳои илмӣ дар семинарҳои кафедраҳои химияи органикӣ ва биологии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ», Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур» ва Муассисаи давлатии «Маркази илмӣ-тадқиқотии фармасевтӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ ва муҳокима гардида, дар конфронсҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ, минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ, аз

ҷумла «Илми замони муосир: аз ғоя то натиҷа» (Санкт-Петербург, 2020), «Илм ва таҳсилот дар замони муосир: чолишҳои асри VIII» Нур-Султон (Астана, 2020), «Проблемаҳои ҳозиразамони химия, таълим ва дурнамо» (Душанбе, 2021) ба тасвиб расидаанд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои таҳқиқот дар 19 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 4-тояшро дастури таълимӣ-методии аз тарафи шурои илмӣ-методии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба чоп тавсияшуда, 9-тояшро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банашррасида ва 6-тои боқимондаро мақолаҳои дар маводи конференсияҳои илмии сатҳашон гуногун нашршуда ташкил медиҳанд ва 1 нахустпатенти ҶТ.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии таҳқиқот», се боб, бахши «Хулосаҳо» бо зербахшҳои «Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия» ва «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», бахши «Охирсухан», бахши «Номгӯйи адабиёт» бо зербахшҳои «Феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда» ва «Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ» иборат аст.

Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 180 саҳифаи матни компютерии бо ёрии протсессори Microsoft Word ҳарфчинишуда иборат буда, 50 ҷадвал, 18 диаграммаро дар бар гирифтааст. Рақамгузории расму ҷадвалҳо барои ҳар ду боби диссертатсия умумӣ мебошад. Рӯйхати адабиёт фарогири 125 номгӯй мебошад.

ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзӯъ, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзӯъҳои илмӣ, тавсифи умумии таҳқиқот ва сохтори таҳқиқот тавсиф шудаанд.

Дар боби якум маълумот оид ба тасаввуроти муосир дар бораи нақши низомҳои иммунии, асабӣ ва лимфоидии организм, инчунин истифодаи пептидҳои тимусӣ ва пайвастагиҳои координационии пептидҳо бо ионҳои металлҳо ҳамчун доруворӣ оварда шудааст.

Дар боби дуюм реактивҳо ва асбобҳои истифодашуда, инчунин методикаҳои таҳқиқоте, ки муаллиф истифода намудааст, зикр гардидаанд.

Дар боби сеюм натиҷаҳои таҳқиқоти мустақили муаллиф пешниҳод шудаанд. Дар қисми якум синтези пептидҳо ва пайвастагиҳои комплексӣ, инчунин фаъолнокии биологии онҳо тавсиф мегардад. Пайвастагиҳои координатсионии дипептидҳои дорои триптофан бо иони руҳ ба нишондиҳандаҳои биохимиявии хуни харгӯшоне, ки дар онҳо гепатити токсикӣ ба таври таҷрибавӣ ба вуҷуд оварда шудааст, таъсири мусбат расонданд. Натиҷаҳои истифодаи пайвастагиҳои координатсионии дипептиди дорои триптофан – изолейтсил-триптофан бо руҳ дар баланд бардоштани самаранокии муолиҷаи псориаз оварда шудаанд. Нишон дода шудааст, ки онҳо самаранокии табобатро зиёд намуда, ба нишондиҳандаҳои биохимиявии хуни беморон таъсири мусбат мерасонанд ва ба натиҷаҳои беҳтари табобат меоранд.

Дар қисми навбатӣ таъсири пайвастагиҳои координационии аминокислотаи аргинин ва изолейцил-триптофан бо ионҳои мис ва нуқра ҳангоми конъюнктивити чорвои калони шохдор баррасӣ шудааст. Ин доруҳо захролуд набуда, фаъолнокии антибактериалии онҳо дар ҳудуди 1,56–6,26 мкг/мл қарор дошт. Истифодаи онҳо ба баланд гардидани самаранокӣ ва кӯтоҳ шудани муҳлати муолиҷаи конъюнктивити катаралӣ мусоидат намуд.

Дар марҳилаи минбаъдаи таҳқиқот омӯзиши таъсири тимоцин ба нишондиҳандаҳои биохимиявии хуни харгӯшоне, ки дар онҳо гепатити токсикӣ ба таври таҷрибавӣ ба вуҷуд оварда шуда буд, анҷом дода шуд. Истифодаи тимоцин ва тимоарг ба тағйироти мусбати параметрҳои биохимиявии хун мусоидат кард: коҳиш ёфтани миқдори билирубини вобаста ва озод,

фаъолнокии АЛАТ, АСАТ ва қанд, инчунин баланд шудани миқдори холестерин то арзишҳои меъёри физиологӣ. Ин тағйирот аз ҷиҳати оморӣ боэътимод буданд ($P < 0,05$).

Сипас хосиятҳои табобатии пайвастагиҳои координатсионии нуқра ва дипептиди H-Ile-Trp-OH ҳангоми муолиҷаи сирояти герпесвирусии чорвои калони шохдор омӯхта шуданд. Таҳлилҳои биохимиявӣ нишон доданд, ки беҳтарин ба эътидол омадани нишондиҳандаҳои хун дар ҳолатҳое мушоҳида мешуд, ки тимоарг истифода гардида буд. Эҳтимол ин бо он шарҳ дода мешавад, ки ин дору дар баробари таъсири иммуностимулятории дипептид, инчунин ба туфайли нуқра таъсири зиддивирусӣ низ мерасонад.

Баъдан таҳқиқоти муқоисавии таъсири тимоцин ва тимоарг ба самаранокии ваксинопрофилактика ва муолиҷаи ринотрахеити сироятии гӯсолаҳо гузаронида шуд. Истифодаи тимоцин ва тимоарг ҳангоми ваксинатсияи гӯсолаҳо бар зидди ринотрахеити сироятӣ боиси зиёд шудани титри антитело мутаносибан 1,8 ва 1,75 маротиба гардид. Фаъолияти иммуностимулятории ин доруҳо қариб якхела буд. Истифодаи тимоцин ва тимоарг нишондиҳандаҳои биохимиявиро ҳангоми ИРТ ба эътидол меорад, ки аз мавҷудияти хосиятҳои протекторӣ шаҳодат медиҳад. Аз натиҷаҳои бадастомада инчунин метавон хулоса кард, ки истифодаи изолейцил-триптофан бо нуқра нисбат ба он самараноктар буда, дар муолиҷаи ИРТ натиҷаҳои беҳтар медиҳад.

Тавре аз натиҷаҳои бадастомада бармеояд, то охири таҷриба нишондиҳандаҳои клиникӣ беҳтар мешуданд. Динамикаи беҳтарин дар гурӯҳҳои ҳайвоноте мушоҳида гардид, ки ба онҳо ҳамчун доруҳои иммуномодуляторӣ тимоцин ва тимоарг истифода бурда шуданд. Истифодаи тимоцин ва тимоарг ҳангоми муолиҷаи дарунравии гӯсолаҳо ба баланд шудани самаранокии табобат ва нигоҳдории ҳайвонот мусоидат менамояд.

Доруҳои истифодашаванда. Барои таҳқиқот аз тимотсин (силсилаи 26092014, аз 26.09.2014, истеҳсолкунанда ҶДММ «Тиб барои шумо», Тоҷикистон) истифода бурда шуд.

Пайвастаҳо барои таҳқиқот дар асоси сохтори доруи сироятнопазири тимогар бо нуқра ва мис (маҷмуи А), аргинин бо нуқра ва мис (маҷмуи Б), маҳлули обӣ, ки тавассути электролизи нуқра (10^{-8}), мис (10^{-6}) дар 1 литр, иловаи аргинин, доруи тимогар ба миқдори 100 мкг дар 1 литр ҳосил гардидаанд, интихоб карда шудаанд.

Ҳамчунин, аз маҳлули обии ПМ дипептиди изолейтсил-триптофан бо нуқра ба дараҷаи ғилзати моддаи амалкунандаи 158,3 мкг/мл зимни дараҷаи ғилзати дипептиди 100 мкг/мл (тимогар) истифода бурдем.

Ҳангоми омӯзиши самаранокии пешгирикунии ваксинавии ИРТ ваксинаи фаъолгардонидашудаи муштарак (омехта) ба муқобили ринотрохеити сироятӣ, парагриппи 3, бемориҳои роҳи нафасу синусити олӣ, диареяи вирусӣ ва пастереллези чорвои калони шохдор (КОМБОВАК-Р) (силсилаи 77-1-5.12-0589 №ПВР-1-2.6/01656 аз 14.03.2012, истеҳсолкунанда ҶДММ «Ветбиохим», Федератсияи Руссия) мавриди истифода қарор ёфт.

Барои арзёбии нишондиҳандаҳои биохимиявии хун аз анализатори Dirui-7000D (Чин) бо истифода аз маҷмуъҳои ташхисии истеҳсоли ҶДММ «Эколаб» ва ҶДММ «Витал Девелопмент Корпорейшн» (Россия) истифода намудем. Ин анализатор натиҷаҳои аниқи таҳқиқотро таъмин намуда, имкон медиҳад, ки спектри васеи нишондиҳандаҳои биохимиявӣ арзёбӣ гардад, ки ин барои мониторинги ҳолати беморон ҳангоми табобат ҷанбаи муҳим ба ҳисоб меравад.

Синтез ва тавсифи комплексҳои Zn(II) (1-6). $Zn(OH)_2$ ҳосил карда шуд. Ба хлориди руҳ (3 г, 0,0220 мол) 44 мл маҳлули 1М NaOH (0,0440 мол) илова карда омехта карда шуд. Такшини сафеди сахт ҳосил гардид. Омехтаи реаксиониро дар шурдиҳандаи магнитӣ омехта намудем. Сипас такшинро дар фишори паст полуда, бо оби хунук

шустем ва дар ҳавои кушода муддати як шаб хушк кардем.

Комплексҳои Zn(II) (1-4). Комплекси Zn(II) бо кислотаи глутамин. $[Zn(Gly)_2]\cdot H_2OVW=C375,64$; баромад: 0,285 г (76%). Таҳлил. Ҳисоб карда шуд барои $C_{10}H_{18}N_{209}Zn$ ($[Zn(Gly)_2]H_2O$) : C, 31,97; H, 4,83; N,7,46%. Ёфта шуд: C, 32,02; H, 5,02; N, 7,48%.

Комплекси Zn (II) бо глитсин [Zn $(Gly)_2$] (2): MW=213,50; баромад 0,181 г (85%). Таҳлил. Ҳисоб карда шуд барои $C_4H_8N_{204}Zn$ ([Zn $(Gly)_2]\cdot H_2O$): C, 22,50; H, 3,75; N,13,12%. Ёфта шуд: C, 22,51; H, 4,29; N, 12,97%.

Комплекси Zn (II) бо L-гистидин [Zn $(His)_2$] $\cdot 2H_2O$) (3): MW=409,72; баромад 0,332 г (81%). Таҳлил. Ҳисоб карда шуд барои $C_{12}H_{20}N_{606}Zn$ ([Zn $(His)_2]\cdot 2H_2O$): C, 35,18; H, 4,92; N,20,52%. Ёфта шуд: C, 35,13; H, 4,58; N, 20,53%.

Комплекси Zn (II) бо L-пролин [Zn $(Pro)_2]\cdot 2H_2O$) (4): MW=293,63; баромад 0,200 г (68%). Таҳлил. Ҳисоб карда шуд барои $C_{10}H_{16}N_{204}Zn$ ([Zn $(Pro)_2$]: C, 40,90; H, 5,49; N,9,54%. Ёфта шуд: C, 40,91; H, 7,21; N, 9,55%.

Синтези Zn(II) (5-6). Комплекси $Zn(OH)_2$ бо L-метионин $[Zn(Met)_2]\cdot 0,5H_2O$) (5): ҳосил карда шуд.

Методи I: МВт=370,80; баромад: 0,237 г (64%).

Методи II: МВт=370,80; баромад: 0,308 г (83%).

Таҳлил. Ҳисоб карда шуд барои $C_{10}H_{21}N_{2045}S_2Zn$ ([Zn $(Met)_2]\cdot 0,5H_2O$) (5): C, 32,39; H, 5,71; N, 7,56%. Ёфта шуд: C, 31,99; H, 5,40; N, 7,48%.

Комплекси Zn (II) бо L-триптофан [Zn $(Trp)_2$] (6): МВт=471,81; баромад 0,425 г (90%). Таҳлил. Ҳисоб карда шуд барои $C_{22}H_{22}N_{404}Zn$ ([Zn $(Trp)_2$]: C, 56,00; H, 4,70; N, 11,88%. Ёфта шуд: C, 55,87; H, 4,43; N, 11,89%.

Таҳқиқи фаъолнокии антибактериалӣ. Хосиятҳои антибактериалии комплексҳои 1-6 нисбат ба се штамми граммусбат - стафилоккоки заррин ATCC 6538, Staphylococcus epidervidis ATCC 12228 ва Streptococcus pogenes ATCC 19615, инчунин ду бактерияи грамманфӣ: Escherichia coli ФЕСС 25992 ва Pseudomonas aeruginpsa 27853 муайян карда шуд. Натиҷаҳои бадастомада консентратсияи минималии сусткунандагиро (МИК) ифода карданд. Пайвастҳои таҳқиқшаванда дар об (1-4) ва дар ДМСО (5-6) ҳал карда шуданд.

Синтези комплексҳои нуқра. Барои ҳосил кардани комплексҳои дипептидҳо бо нуқра маҳлули дипептидҳо ва нитрати нуқра бо ҳам омехта карда, то ибтидои ҳосилшавии такшин мунтазам маҳлули NaOH илова карда шуд. Комплексҳои ҳосилшуда то ҳосилшавии такшини пурра дар ҷои торик гузошта шуд. Сипас такшин филтронида дар ҳаво хушк карда шуд.

Муайян кардани фаъолнокии антибактериалии комплексҳо бо усули диффузия дар муҳити агар мувофиқи методикаи стандартӣ гузаронида шуд. Ба сифати маводи назоратии мусбат пайвасти комплексии нуқра бо сулфадиазин ва ба сифати маводи назоратии манфӣ маҳлули физиологӣ истифода бурда шуд.

Муайян кардани фаъолнокии антиоксидантии комплексҳо. Ҳангоми таҳлили ДФПГ 100 мкл равғани эфири дар метанол дар фосилаи консентратсияи аз 7,8 то 1000 мкг/мл бо 100 мкл маҳлули 0,2 мМ ДФПГ-и дар метанол ҳалшуда дар хоначаҳои планшети 96-хоначадор омехта карда шуда, муддати 15 дақиқа дар торикӣ нигоҳ дошта шуд, сипас зичии оптикии маҳлул дар дарозии 515 нм бо ёрии BiochromASYSUVM 340 (ҳисобкунанки микропланшетҳо) чен карда шуд. Ҳалкунандаи мувофиқ (метанол) ва ҳалкунандаи стандартӣ (кислотаи аскорбинати дар метанолбуда) дар як вақт ба система

ворид карда шуданд. Фаъолнокии сусткунандагӣ (бо %) аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда шуд:

Фаъолнокии сусткунандагӣ (%)=

$$\frac{100x\ [(\text{фурӯбарии намуна+DPPH})-(\text{фурӯбарии маҳлули назоратӣ})]}{[(\text{фурӯбарии DPPH}) - (\text{фурӯбарии метанол})]}$$

Қимати IC50 ҳамчун миқдори экстракти барои ингибиронии 50 фоизи ДФПГ-радикалҳо зарурӣ муайян карда шуд.

АБТС - радикали озод, ки бо роҳи ҳал намудани 38 мг маводи АБТС дар 10 мл оби дистиллати беионгардонидашуда (консентратсияи ниҳоии 7,0 мМ) ба даст оварда шуд. Сипас ба маҳлули АБТС· 6,5 мг персулфати калий илова карда муддати 16 соат барои ҳосил шудани АБТС·+катион-радикали устувор гузошта шуд. Маҳлули АБТС·+ бо мақсади дар 645 нм ба даст овардани қимати ниҳоии коэффитсиенти фурӯбарӣ дар байни қиматҳои 2,0 ва 2,4 сероб карда шуд. Маҳлули 20 мМ тролокс дар этаноли холис ба сифати нишондиҳандаи назорати мусбат тайёр карда шуд. Ба микропланшети 96-хончадор 100 мкл экстракт (дар фосилаи консентратсияи 7,8-1000 мкг/мл) ва ё тролокс ва ё об ворид намуда, онро ба 100 мкл маҳлули АБТС·+ илова карда шуд. Зичии оптикӣ дар дарозии 645 нм бо истифода аз Biochrom ASYS UVM 340 (бақайдгираки микропланшетҳои ширкати Biochrom) чен карда шуд. Фаъолнокии сусткунандагӣ барои таҳлили ДФПГ ҳисоб карда шуд.

Омӯзиши таъсири тимотсин ба нишондиҳандаҳои биохимиявии хуни харгӯшҳо зимни қуболи захрдори озмоишӣ. Ба 10 харгӯши безоти 2-3 кг вазндошта омехтаи карбони чорхлордорро бо равғани растанӣ (1:1) дар ҳаҷми 2 мл дар давоми 10 рӯз (рӯзе як маротиба) гузаронидем.

Баъд аз воридсозии карбони чорхлордор ба табобати ҳайвонот бо тимотсин шуруъ намудем. Тимотсинро дар давоми 10 рӯз (рӯзе як маротиба) ба миқдори 0,01 мл ба 1 кг вазни ҳайвон дохил кардем.

Методикаи мӯзиши хусусиятҳои захрноку фармакологӣ ва ҳосилкунии комплексҳо дар асоси аминокислотаҳои аргинин ва изолейтсил-триптофан бо ионҳои мис, нуқра зимни илтиҳоби мултаҳимаи чорвои калони шохдор. Арзёбии захрнокии LD50 комплексҳои таҳқиқшавандаро дар 60 муши безоти ҳар ду ҷинси 18-22 г. вазндошта гузаронидем. Комплексҳоро ба андозаи 1500, 2500, 3500 мг/кг ворид сохтем. Таҳқиқот дар гурӯҳҳо бо 6 ҳайвон (3 – нар ва 3 – мода) гузаронида шуд, 12 ҳайвон гурӯҳи назоратиро ташкил дод. Дар давоми 2 ҳафтаи баъд аз воридсозии комплексҳо ҳайвонот зери мушоҳида қарор гирифта, ҳалокат, захролудшавӣ, рафтор, иштиҳо, тағйирёбии вазн, серҳаракатӣ, намуди муина ва пардаи луобии ҳайвонот ба ҳисоб гирифта шуданд.

Барои омӯзиши чунин хусусият танҳо бо комплекси А –аргинин бо ионҳои мис ва нуқра таҳқиқот гузаронида шуд. Консентратсияи минималии бактериостатикии (МБсК) комплекс бо таври in vitro бо усулҳои серобкунии пай дар пай булони гӯштӣ-пептонӣ (МПБ) мувофиқи нишондодҳои дастурӣ гузаронида шуд.

Барои таҳқиқи самараи фармакологии комплексҳо ба сифати объектҳои таҳқиқот модаговҳо ва гӯсолаҳо аз фермаи чорводории мазкур дар давраи моҳҳои феврал-апрел интихоб карда шуда буданд. Аз байни саршумори модаговҳо ва гӯсолаҳои ферма 21 ҳайвон гирифтори илтиҳоби мултазамаи назлавӣ ва 15 ҳайвон гирифтори илтиҳоби мултазимаи фасоддор буданд.

Барои муолиҷаи илтиҳоби мултазима пайвастаҳои номбаршуда ба шакли қатра ба

андозаи 0,03 мл дар халтачаи илтиҳоби мултаҳимаи чашмон рӯзе ду маротиба дар бинои алоҳида истифода мегаштанд. Назоратро дарҳол баъд аз воридсозии пайвастаҳо, баъд аз як соат ва ҳар рӯз дар давоми ду ҳафта ба роҳ мемондем. Таҳлили хуншиносӣ ва биохимиявии хуни ҳайвонот то ва баъд аз муолиҷа гузаронида шуд.

10 сар модагов ва гӯсолаҳои илтиҳоби мултаҳимаи назлавидорро бо композитсияи аргинин бо ионҳои мис ва нуқра (А), 11-тои онҳоро бо комплекси тимогар бо ионҳои мис ва нуқра (Б) муолиҷа кардем. 8 сар модагови илтиҳоби мултаҳимаи фасоддор бо комплекси А, 7 сар модаговро бо комплекси Б табобат намудем.

Дар рафти таҳқиқот ҳолати умумӣ, иштиҳо, ҳарорати бадан, суръати набз ва нафаскаширо ба қайд мегирифтем. Зимни муоина қобилияти биноии чашмонро мавриди таҳқиқ қарор додем. Таҳқиқи морфологӣ, биохимиявӣ, бактериологӣ ва сироятнопазирӣ-биологии хун, миқдори калтсий, фосфорро мувофиқи методҳои қабулшуда муайян кардем.

Дар кор анализаторҳои гематологии «Mindry-20S», «Mindry 5150S» мавриди истифода қарор ёфтанд. Омӯзиши биохимиявии хун дар анализатори «Mindry-88» гузаронида шуд.

Маълумоти гирифташуда бо ёрии бастаи барномавии MS Excel (2007), Statistica v.6.1. коркард гардид.

Омӯзиши самаранокии корбурди тимотсин зимни бемории псориаз. Ҳамагӣ 60 бемори ба псориаз гирифторшуда дар синни аз 16 то 60-сола (мардон – 26 нафар ва занон – 34 нафар), ки ҳисоби миёнаи синну соли онҳо 31,1±2,2 сол (байни мардон - 29,8±2,1 сол, байни занон - 32,9+2,4)-ро ташкил дод, мавриди муолиҷа қарор гирифтанд.

Дар беморон то ва баъд аз табобат ғайр аз таҳлилҳои умумиклиникӣ миқдори мутлақ ва нисбии Т-лимфоситҳо ва В-лимфоситҳо, навъҳои Т-лимфоситҳо, иммуноглобулинҳои хунобавӣ, миқдори фаготситарӣ ва фаъолнокии фагоситарии нейтрофилҳоро муайян намудем.

Беморон ба ду гурӯҳ бо тавсифоти қариб якхелаи тиббӣ ҷудо карда шуданд. Ба гурӯҳи якум 30 нафар (14 – мард ва 16 – зан) шомил гардиданд. Беморони ин гурӯҳ бо воситаҳои базавӣ ва тимотсин табобати муштаракро гирифтанд. Беморони гурӯҳи дуюм (12 – мард ва 18 – зан) танҳо муолиҷаи базисиро гирифтанд ва ин гурӯҳ назоратӣ буд.

Зимни гузариши марҳалаи авҷгирандаи беморӣ ба статсионарӣ, инчунин ба беморон дар марҳалаи статсионарии псориаз муолиҷаи физиотерапевтиро ба шакли шуоъхӯрии ултрабунафшӣ аз рӯйи сегментҳо ба миқдори эритемӣ - №12-14 ва табобати маҳаллии 3-фоизаи салитсилӣ ва баъдан бо марҳали нафтодерм ба таври иловагӣ таъин карда шуд.

Омӯзиши хусусиятҳои захрноку фармакологии комплексҳо дар асоси аминокислотаи аргинин ва доруи тимогар бо ионҳои мис, нуқра зимни илтиҳоби мултаҳимаи чорвои калони шохдор. Таъсири пайвастаҳоро ба пардаи луобии чашмон дар 6 харгӯш дар ду гурӯҳ (n=6) омӯхтем. Дар гурӯҳи якум комплекси А ва дар гурӯҳи дуюм комплекси В-ро санҷидем. Ба халтачаи илтиҳоби мултаҳимагии яке аз чашмҳо 1-2 қатра маҳлули пайвастаҳоро чакондем, чашми дуюм ба сифати назорат хизмат мерасонд. Баъд аз як соати чаконидани пайвастаҳо ҳар рӯз дар давоми 14 рӯз тағйироти рӯйдиҳандаро мушоҳида кардем. Арзёбии миқдориро аз рӯйи системаи 10-холии А. Вайд гузаронидем.

Барои муайянсозии амалҳои ангезандаи пӯст ва аллергиякунандаи пайвастаҳои омӯхташаванда аз 18 харгӯш дар ду гурӯҳ (n=9) бо вазни 2,5-3 кг бо методи санҷиши пӯст ва илтиҳоби мултаҳима истифода бурдем. Барои озмоиши корбурди комплексҳои пайвастаҳо ва маҳлули онҳоро бо таносуби 1:2, 1:4 дар оби борон тазриқ суюқшуда ба роҳ мондем. Тамоми маҳлулҳоро ба қитъаи тозашудаи пӯст дар 60 $см^2$ ва ҳаҷми 0,1 мл/$см^2$-и маҳлул гузаронидем. Аз тарафи муқобили бадан ба ҳамин гуна қитъаи пӯст ҳамон қадар оби

қубуриро гузаронидем.

Аппликатсияи маҳлулҳои пайвастаҳо ва обро 2 маротиба дар як шабонарӯз дар давоми 15 шабонарӯз пайдарпай бо нигоҳдории чорсоата амалӣ гардонидем. Ҳар рӯз ҳолати пӯстро мушоҳида карда, тағйирёбии функсионалӣ-морфологии охирин (эритема, варами пӯст, гиперемия, пӯстравонӣ ва ғ.)-ро ба қайд мегирифтем. Ифодаи ин нишондиҳандаҳоро дар холҳо аз рӯйи ҷадвали С.В. Суворов арзёбӣ намудем.

Хусусиятҳои зиддибактериявии комплекси триптофан бо ионҳои нуқра маълуманд. Бинобар ин, чунин вижагиро танҳо дар комплекси А – аргинин бо ионҳои мис ва нуқра омӯхтем. Дараҷаи камтарини бактериостатикии ғилзат (МБсК) ва дараҷаи комплексро мо бо методи парвариши силсилавӣ дар пиёбаи гӯштупектонӣ (ПГП) муайян намудем. Дараҷаи ғилзати ҳуҷайраҳои микробӣ дар 1 мл муҳит ба 500 ҳазор баробар буд.

Андозаи муносиби терапевтӣ ва нақшаи корбурди комплекси А зимни илтиҳоби мултазимаи назлавии ЧКШ-ро аз рӯйи ҷавонаҳои 6-12 моҳа (18 сар), ки дар чарогоҳ касал шудаанд, муайян кардем. Ҳайвонот ба се гурӯҳ ҷудо шуда буданд. Ба халтачаи илтиҳоби мултаҳимаи чашми осебдидаи ҳайвоноти гурӯҳҳои якум ва дуюм комплекси А-ро ба андозаи 0,01 мл ва 0,03 мл рӯзе як маротиба дар давоми 5 рӯз ворид сохтем, ҳайвоноти гурӯҳи назоратӣ (гурӯҳи сеюм)-ро дар давоми ҳамин муҳлат бо доруи «Мизофен» табобат кардем. Дар рафти таҷриба ҳайвонотро ба таври клиникӣ муоина ва шустаҳоро аз таҷвифи илтиҳоби мултаҳимавӣ то гузаронидани дору баъд аз 3-5 рӯзи табобат нусхабардорӣ намудем.

Маълумоти гирифташуда тавассути бастаҳои барномавии MS Excel (2007), Statistica v. 6.1. ба таври оморӣ коркард гаштанд.

Методикаи ҳосилкунӣ ва омӯзиши таъсири пайвастҳои координатсионии изолейтсил-триптофан бо ионҳои мис ва нуқра ба самаранокии пешгирӣ бо ваксина ва муолиҷаи ринотрахеити сироятии гӯсолаҳо.

Табобати ИРТ. Маҳлулҳои обии дипептиди изолейтсил-триптофанро бо дараҷаи ғилзати дипептиди 200 мкг/мл ва нитрати нуқра бо дараҷаи ғилзати иони нуқраи 116,6 мкг/мл тайёр кардем. Бо омезиши ҳаҷми баробари маҳлулҳои дипептид ва нитрати нуқра бо гирифтани пайвастаҳои мутобиқшуда бо дараҷаи ғилзати умумии моддаи амалкунанда 158,3 мкг/мл маҳлули пайвастаҳои мутобиқшударо ҳосил намудем.

Пеш ва баъд аз табобат таҳлили клиникӣ ва биохимиявии ҳайвонот гузаронида шуд.

Барои озмоиш 2 гурӯҳи ҳайвонот ташкил карда шуд: гурӯҳи «А» ҳайвоноти гирифтори бемории герпесвирусии ЧКШ навъи 1 (16 сар); гурӯҳи «В»-ҳайвоноти гирифтори бемории герпесвируси ЧКШ навъи 5 (16 сар). Ҳар як гурӯҳ ба зергурӯҳи баробар тақсим карда шуд.

Ғайр аз муолиҷаи стандартӣ, ба ҳайвоноти ҳар зергурӯҳи як гурӯҳ пайвастаҳои мутобиқшудаи тимогар ва нуқраро ба андозаи 1 мл ба 100 кг вазни зинда ва ба зергурӯҳи дигар тимотсинро ба ҳамон миқдор рӯзе як маротиба дар давоми 10 рӯз ворид сохтем.

НАТИҶАҲО ВА МУҲОКИМАҲО

Ҳосил кардан ва омӯзиши комплексҳои руҳ бо аминокислотаҳо. Заминаҳо барои ҳосил кардани комплекси металлҳо бо аминокислотаҳо ва пептидҳо. Тарҳи синтези дипептидҳо ва трипептидҳо, ки дар асоси методикаи эфирҳои фаъолгардонидашуда ва ангидридҳои омехта тавсиф ёфтаанд, имкон доданд, ки пептидҳои устувор ва маҳсули баланддошта ба даст оварда шаванд. Ба ҳамин тариқ, дипептидҳои Gly-Val, Gly-Ile, Gly-Leu, Gly-Trp, Gly-Phe, Gly-Tyr, Gly-Glu синтез карда шуданд.

Синтез бе ҷудокунии пептидҳои озод дар шакли озод гузаронида шуд. Мо танҳо дипептидҳои озодро дар шакли озод ҷудо намудем.

Озодкунии пурраро бо роҳи гидронидани каталитикӣ дар болои катализатори Pd/C амалӣ намудем. Дипептидҳои озодро баъди аз муҳит дур кардани катализатор ва бо эфир кристаллизатсия намудани пептид ҷудо кардем.

Усули зудҷудошавии гурӯҳҳои муҳофизатӣ бо HBr дар кислотаи атсетати яхин коркард намудани пептиди муҳофизатшаванда маҳсуб меёбад. Дар рафти ин амалиёт ҷудошавӣ баъди 30 дақиқа ба амал омада, пептид баъди буғронӣ кардани миқдори изофаи HBr дар кислотаи атсетати яхин ва азнавтакшинкунӣ бо эфир дар шакли бромгидрат кристаллизатсия мегардад.

Трипептидҳои Gly-Val, Gly-Ile, Gly-Leu, Gly-Trp, Gly-Phe, Gly-Tyr, Gly-Glu бо ҳамин роҳ ба даст оварда шуданд.

Қайд кардан зарур аст, ки ҳангоми синтези дипептидҳо миқдори изофаи эфири 5 фоизаи фаъолкардашуда ва дар аснои синтези трипептид маҳлули 10 фоиза истифода бурда шуданд. Баромади трипептидҳо дар ҷадвали 1 оварда шудаанд.

Дар синтези трипептидҳо маҳлули изофаи 10 фоизаи эфири фаъолкардашуда барои баланд бардоштани самаранокии реаксия ва баланд бардоштани баромади маҳсулот истифода гардид.

Ҷадвали 1. – Баромади трипептидҳо

Натиҷаҳои муолиҷа	100	Баромад % (эфирҳои фаъолкардашуда)	
H-Gly-Gly-Val-OH	53,3	H-Gly-Gly-Val-OH	99,8
H-Gly-Gly-Ile-OH	98,7	H-Gly-Gly-Val-OH	99,1
H-Gly-Gly-Leu-OH	100,8	H-Gly-Gly-Val-OH	99,6
H-Gly-Gly-Trp-OH	97,7	H-Gly-Gly-Val-OH	96,1
H-Gly-Gly-Phe-OH	98,7	H-Gly-Gly-Val-OH	97,5
H-Gly-Gly-Tir-OH	96,6	H-Gly-Gly-Val-OH	97,5
H-Gly-Gly-Glu-OH	99,8	H-Gly-Gly-Val-OH	97,7

Ҳамин тариқ, синтези дипептидҳо ва трипептидҳо бо методи эфирҳои фаъолкардашуда ва ангидридҳои омехта имкон доданд, ки пептидҳои озоди баромади маҳсулашон баланд ба даст оварда шавад ва имконияти комплексҳосилкунӣ бо мақсади таҳқиқи хосиятҳои биологии онҳо муҳайё гардад.

Трипептидҳои низ монанди дипептидҳо дар шакли озод ба даст оварда шуда, бо эфири метанол кристаллизатсия карда шуданд.

Комплексҳо бо роҳи омехта кардани маҳлули обии дипептидҳо ва нитрати нуқра ($AgNO_3$) дар таносуби молярӣ 1:1 синтез карда шуданд.

Таҳлилии элементарии комплексҳо нишон медиҳад, ки атомҳо дар пайвастҳои синтезшуда чунин тақсим шудаанд:

Ҷадвали 2. – Натиҷаи таҳлили элементарӣ

Комплекс	Mm	Ag, %	C, %	H, %	N, %
AgGlyVal	174	38,67	30,08	5,01	10,02
AgGlyIle	188	32,75	32,75	5,45	9,55
AgGlyLeu	188	32,75	32,75	5,45	9,55
AgGlyTrp	261	29,55	42,69	4,10	7,67
AgGlyPhe	222	33,05	40,40	4,28	8,57
AgGlyTyr	238	31,52	38,53	4,09	8,17
AgGlyGlu	204	34,96	27,19	3,89	9,06
AgGlyGlyVal	231	32,17	32,17	5,06	12,51

Хотимаи ҷадвали 2

AgGlyGlyIle	245	30,91	34,33	5,23	12,01
AgGlyGlyLeu	245	30,91	34,33	5,23	12,01
AgGlyGlyTrp	318	26,61	42,67	4,26	9,96
AgGlyGlyPhe	279	28,18	40,71	4,43	10,96
AgGlyGlyTyr	295	27,07	39,10	4,26	10,53
AgG					

Дар асоси натиҷаи таҳлили элементарӣ тахмин кардан мумкин аст, ки комплексҳои Ag-Dp, ки дар ин ҷо Dp= Gly-Val, Gly-Ile, Gly-Leu, Gly-Trp, Gly-Phe, Gly-Tyr, Gly-Glu буда, ҳангоми бо нуқра координатсияшавӣ ба туфайли атомҳои оксигени гурӯҳи карбоксилӣ ҳосил мегарданд.

Ҳамчунин хосиятҳои антибактериалии комплексҳои бадастовардашуда бо ёрии методи диффузия дар агар-агар омӯхта шуд. Дар ҷадвали 3 натиҷаи фаъолнокии антибактериалии комплексҳои ҳосилкардашуда оварда шудаанд.

Ҷадвали 3. – Фаъолнокии минималии бактериосидии комплексҳои ҳосилшуда

Комплекс	Фаъолнокии минималии бактериосидӣ, мкмол/л		
	E. coli	S. aurues	S. epidermises
AgGlyVal	40	60	40
AgGlyIle	50	60	70
AgGlyLeu	50	60	70
AgGlyTrp	60	90	60
AgGlyPhe	60	70	100
AgGlyTyr	70	80	90
AgGlyGlu	70	100	120
AgGlyGlyVal	160	170	180
AgGlyGlyIle	170	100	
AgGlyGlyLeu	170	100	
AgGlyGlyTrp	180	120	
AgGlyGlyPhe	180	140	
AgGlyGlyTyr	180	150	
AgGlyGlyGlu	180	180	190
Назоратӣ манфӣ	180	180	180
Назоратӣ мусбат	10	20	20

Агар ба сохтори петидҳо назар кунем, мебинем, ки пептидҳо дар муқоиса бо фаъолнокии антибактериалии онҳо вобаста аз С-охири аминокислотаи комплексҳои дипептидҳо дар қатори зерин AgGlyVal>AgGlyIle=AgGlyLeu>AgGlyTrp=AgGlyPhe>AgGlyTyr=AgGlyGlu ҷой мегиранд.

Ин нишон медиҳад, ки дипептидҳо, дар муқоиса бо трипептидҳо ҳамчун молекулаҳои кӯтоҳ қобили аз дохили мембранаҳои микробҳо гузаштанро доранд.

Фаъолнокии антиоксидантии пептидҳои синтезшуда бо ёрии ДФПГ (2,2-дифенил-1-пикрилгидразил) ва АБТС (2,2′-азинобис 3-этилбензо-тиазолин-6-сулфонат) бо методи дошта гирифтани радикалҳо муайян карда шуд. Натиҷаи муайян кардани фаъолнокии актиоксидантӣ дар ҷадвали 4 оварда шудааст.

Ҷадвали 4. – Фаъолнокии актиоксидантии пептидҳои синтезшуда

	Фаъолнокӣ дар ДФПГ-таҳлил, IC_{50}, мг/мл	Фаъолнокӣ дар АБТС-таҳлил, IC_{50}, мг/мл
GlyVal	2,8	2,9
GlyIle	3,1	0,98
GlyLeu	8,0	5,9
GlyTrp	6,7	5,1
GlyPhe	8,8	5,8
GlyTyr	7,8	4,6
GlyGlu	6,8	4,1
Кислотаи аскорбинат	0,605	0,607

Чи тавре натиҷаҳои ҷадвали 4 нишон медиҳад пептиди аз ҳама фаъол GlyVal ва пептиди нисбатан камфаъол GlyPhe мебошанд. Пептидҳои боқимонда мавқеи мобайниро ишғол менамоянд.

Комплекси $[Zn(Met)_2]$ бо баромади 95,38% ва $[Zn(Gly)_2]$ бо маҳсулнокии 95,95% ба даст оварда шуданд.

Комплекси мис бо лейтсин $[Cu(Leu)_2]$ бо маҳсулнокии 76,31% ва $[Cu(Leu)_2]$ бо баромади 93,91% ҳосил карда шуд.

Пайвастагиҳои 1-4 ба туфайли таъсири мутақобилаи аминокислотаҳои мувофиқ бо суспензияи обии гироксиди руҳ (методи I) ва пайвастҳои 5 ва 6 бо таъсири намаки натрийгии аминокислотаи мувофиқ ва хлориди руҳ (II) ба даст оварда шуданд (методи II).

Комплексҳои синтезкардашуда аз омехтаи реаксионӣ бо роҳи қисман консентронидан дар бухоркунандаи роторӣ ва ё бо роҳи бухоркунии оҳистаи маҳлул дар ҳарорати 25°C ҷудо карда шуданд.

Бо методи II комплексҳои Zn(II) бо ёрии метионин ва триптофан (5-6) ҳосил карда шуданд.

Натиҷаи таҳлили элементарии комплексҳои мис бо аминокислотаҳо дар ҷадвали 5 оварда шудааст.

Ҷадвали 5.-Натиҷаи таҳлили элементарии комплексҳои ҳосилшуда

Пайваста	C (ҳисобӣ)			H (ҳисобӣ)		
$[Zn(Glu)_2]\cdot H_2O$	32,27	5,31	7,76	32,32	5,32	7,78
$[Zn(Gly)_2]$	22,80	4,05	13,42	22,81	4,59	13,27
$[Zn(His)_2]\cdot 2H_2O$	35,48	5,22	20,82	35,43	4,88	20,83
$[Zn(Pro)_2]$	41,20	5,79	9,84	41,21	7,51	9,85
$[Zn(Met)_2]\cdot 0{,}5H_2O$	32,69	6,01	7,86	32,29	5,70	7,78
$[Zn(Trp)_2]$	56,30	5,00	12,18	56,17	4,73	12,19
Пайваста	C(ҳис)	H(ҳис)	N(ҳис)	C(ёфта шуд)	H(ёфта шуд)	N(ёфта шуд)
$[Zn(His)_2]\cdot H_2O$						

Ҳамчунин фаъолнокии антибактериалии ҳамаи комплексҳои ҳосилкардашуда нисбат ба микроорганизмҳои граммусбат муайян карда шуданд (ҷадвали 6).

Ҷадвали 6.- Консентратсияи минималии фаъолияти сусткунандагии (МИК)-и комплексҳои Zn(II)

Пайвастаҳои санҷидашуда	МИК (мг/л) Staphylococcus epidermidis	МИК (мг/л) Спиретококки пиогенӣ
$[Zn(Glu)_2]\cdot H_2O$	400,3	400,3
$[Zn(Gly)_2]$	200,3	Бе сана
$[Zn(His)_2]\cdot 2H_2O$	300,3	Бе сана
$[Zn(Pro)_2]$	300,3	500,3
$[Zn(Met)_2]\cdot 0,5H_2O$	100,3	200,3
$[Zn(Trp)_2]$	200,3	300,3
ZnПКА	200,3	300,3

МИК барои Staphylococcus aureus>500 мг/л; НД – зоҳир нашуд.

Комплекси (5) $[Zn(Met)_2]\cdot 0,5H_2O$ нисбат ба намунаи стандартии дар кор истифодашуда хосиятҳои баландтари антимикробӣ дорад. Фаъолнокии комплексҳои боқимонда аз намунаи стандартӣ кам ва ё баробар буданд.

Натиҷаи таҳқиқоти мо нишон дод, ки пайвастҳои таҳқиқшаванда дар муқоиса бо бактерияҳои грамманфӣ нисбат ба бактерияҳои граммусбат фаъолнокии баланди зиддимикробӣ зоҳир мекунанд.

Омӯзиши заҳрнокӣ ва фаъолнокии зиддимикробии комплексҳои пептидҳо бо нуқра. Дар комплексҳои пептидҳо бо нуқра фаъолнокии баланди зиддимикробӣ мушоҳида карда шуд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки пеш аз омӯзиши хосиятҳои биологии онҳо заҳрнокии шадид ва музмини онҳо муқаррар карда шавад.

Барои таҳқиқот комплексҳоеро, ки нисбатан фаъолнокии баланди зиддимикробӣ доштанд, интихоб намудем. Инҳо асосан комплексҳои дипептидҳои AgGlyVal, AgGlyIle, AgGlyLeu, AgGlyTrp, AgGlyPhe, AgGlyTyr, AgGlyGlu буданд, ки фаъолнокиашон қариб ба 120 мкммол/л баробар буданд.

Ҳангоми муайян кардани заҳрнокии шадид ва музмин маълум гардид, ки комплексҳоро аз рӯи ГОСТ 12.1.007-76 ба 6 синфи хатарнок (нисбатан безарар) ҷудо кардан мумкин аст.

Фаъолнокии актиоксидантии комплексҳои пептидҳо бо нуқра. Фаъолнокии антиоксидантии комплексҳои пептидҳо бо нуқра бо ёрии таҳлили ДФПГ ва АБТС муқаррар карда шуд. Қимати фаъолнокии антиоксидантии пайвастҳои комплексии нуқра бо пептидҳо дар ҷадвали 7 оварда шудааст.

Ҷадвали 7. – Фаъолнокии антиоксидантии комплексҳои пептидҳо бо нуқра

Комплекс	ДФПГ IC50, мг/мл	ФБТС IC50, мг/мл
AgGlyVal	1,37	1,45
AgGlyIle	1,45	0,47
AgGlyLeu	4,1	3,0
AgGlyTrp	3,5	2,4
AgGlyPhe	4,8	2,8
AgGlyTir	4,5	2,3
AgGlyGlu	3,5	2,0
Кислотаи аскорбинат	0,305	0,307

Потенсиали антиоксидантии пайвастҳои комплекии пептидҳо бо нуқра аз таркиби он вобаста мебошад.

Самаранокии истифодабарӣ аз тимотсин зимни псориаз. Мақсади марҳалаи

мазкури таҳқиқот омӯзиши самаранокии тимотсин зимни дохил кардани он ба нақшаи муолиҷаи беморони гирифтори псориаз буд.

Дар ҳар ду гурӯҳ муолиҷа вазнин нагузашт. Натиҷаҳои муолиҷа дар ҷадвали 8 нишон доданд, ки дохил кардани тимотсин ба нақшаи табобати беморони гирифтори псориаз ба баландшавии самаранокии он оварда расонд.

Ҷадвали 8. – Натиҷаҳои муолиҷаи беморони гирифтори псориаз

Натиҷаҳои муолиҷа	муолиҷаи муштарак	муолиҷаи анъанавӣ
Сиҳатшавии клиникӣ (несткунии пурраи доначаҳои псориативии пайдошуда)	53,3	26,7
Беҳшавии калони саломатӣ (регресси пурраи 75 фоизаи доначаҳои пайдошуда ва аз он ҳам бештар)	23,4	30
Беҳшавӣ (регресси 50-75 фоизаи доначаҳои пайдошуда)	13,3	26,7
Бе самаранокӣ	10	16,7
Гумшавии пурраи доначаҳои пайдошудаи псориатикӣ	22,3±1,1	26,2±1,2
Муҳлати будубоши беморон дар статсионар	27,1 ±0,9	30,5±1,1

Натиҷаи мушоҳидаи клиникии беморони псориаз дараҷаи гуногуни беҳбудии ҳолати беморонро баъди истифодаи дахолати терапевтӣ нишон дод. Сиҳатшавии комили клиникӣ, ки дар нестшавии доғҳои псориатикӣ зоҳир мегардад, дар 53,3 фоизи беморони гурӯҳи якум ва танҳо 26,7 фоизи беморони гурӯҳи дуюм ба қайд гирифта шуд. Ин самаранокии баланди табобатро дар гурӯҳи якум нишон медиҳад. Беҳбудии назаррас, ки дар рафти он 75 фоиз регрессияи пурра ва доғҳо мушоҳида мегарданд, дар 23,4 фоиз беморони гурӯҳи якум ва 30 фоизи беморони гурӯҳи дуюм ба чашм расиданд. Қисман беҳбудӣ, ки дар натиҷаи он 50-75 фоизи доғҳо нест гардиданд дар 13,3 фоиз беморони гурӯҳи якум ва 26,7 фоиз беморони гурӯҳи дуюм мушоҳида шуданд. Ин натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи терапияи омехта бо тимотсин метавонад раванди сиҳатёбӣ ва ҳолати беморони псориазро дар муқоиса бо усулҳои анъанавии табобат суръат бахшад. Самараи табобат бо истифодаи тимотсин дар 3 (10%) беморон ба даст оварда нашуд ва эҳтимол дорад, ки ин ба ҳолати вазнинии беморӣ, паҳншавӣ ва ирсӣ будани шакли доғҳои калон-калони псориаз алоқаманд мебошад.

Дар яке аз беморон, ки бо зинаи шиддатёбии прогрессивии беморӣ бистарӣ буд, ба истифодаи тимотсин нигоҳ накарда, ҳосилшавии папулаҳои псориазӣ то рӯзи 9-уми табобат идома ёфт. Танҳо дар рӯзҳои 10-11-уми табобат пайдошавии папулаҳои нав барҳам хӯрда, раванди нестшавии доғҳои пешина дар муқоиса бо дигар беморон оҳиста-оҳиста ба амал омад. Ин мушоҳидаҳо ба он далолат мекунанд, ки шаклҳои вазнини псориаз, хусусан дар зинаи шиддатёбӣ, табобати дурудароз ва муносибати маҷмуиро нисбат ба табобат тақозо менамояд. Натиҷаи таҳқиқоти иммунологии таҳқиқот дар ҷадвали 9 оварда шудааст.

Ҷадвали 9. – Нишондиҳандаҳои иммунологии беморони псориаз пеш ва баъд аз табобат

Нишондиҳандаҳо	**Донорҳои сиҳат**	**Беморон то табобат**	**P**	**Баъди табобат**	
				Гурӯҳи асосӣ	Гурӯҳи назоратӣ
Лимфоситҳо, мут	2248±165	1866±147	>0,05	2277±153	1898±151
Лимфоситҳо, %	31,4±1,8	28,1±1,6	>0,1	29,8±1,9	29,1±2,0

Хотимаи ҷадвали 9

Е-РОК, %	64,2±2,7	50,1±2,9	<0,01	58,8±3,1	53,4±3,2**
Т-хелперҳо, %	36,7±2,0	33,2±1,8	>0,1	34,8±2,2	33,9±2,1
Т- супрессорҳо	21,9±1,4	15,8±1,5	<0,01	18,7±1,7	16,3±1,6**
Тх/Тс	1,7±0,1	2,1±0,1	<0,02	1,8±0,1	2,1±0,1**
ЕАС-РОК, %	19,2±1,2	23,6±1,8	<0,05	21,8±1,9	22,7±1,8
IgA, г/л	2,11±0,18	2,49±0,16	>0,1	2,23±0,18	2,37±0,19
IgM г/л	1,73±0,15	2,31±0,21	<0,05	2,01±0,20	2,37±0,22*
IgG г/л	12,9±1,2	17,0±1,5	<0,05	14,4±1,4	16,8±1,5
СИК, г/л	2,25±0,19	3,15±0,22	<0,01	2,80±0,21	3,08±0,22**
ФАЛ, %	69,6±5,2	54,5±4,1	<0,01	60,4±4,6	56,1±4,5*
ФЧ	5,1±0,4	3,8±0,3	<0,01	4,5±0,4	4,2±0,4

Эзоҳ: Р – эътимоднокии фарқият нисбат ба донорҳои солим (*<0,05, **- <0,02).

Чи тавре аз ҷадвали 9 бармеояд, дар беморони псориаз пастшавии миқдор ва фаъолнокии лимфоситҳо, ҳамчун камшавии адади Е-РОК ва Т-супрессорҳо мушоҳида мешавад. Дар айни замон зиёдшавии таносуби Т-хелперҳо ва Т-супрессорҳо ба назар мерасад, ки ин аз ҷавоби мусбати иммунологӣ нисбат ба табобат шаҳодат медиҳад. Ин афзоиш метавонад ҳамчун нишондиҳандаи пурзӯршавии фаъолнокии ҳуҷайраҳое, ки барои танзими ҷавоби иммунологӣ ва муҳофизати организм масъуланд, бошад. Илова бар ин, дар беморон афзоиши дараҷаи ЕФС-РОК ва иммуноглобулинҳо IgM ва IgG мушоҳида мешаванд, ки онҳо мутаносибан 1,4 ва 1,5 маротиба зиёд шуданд. Ин тағйирот аз фаъолшавии системаи иммунӣ дар ҷавоб ба табобат ва фаъолшавии механизмҳои ҳимояи организм аз сироят ва илтиҳоб шаҳодат медиҳад.

Вайроншавии иммунологии равшан ифодаёфта дар беморони шакли вазнини псориаз ва бемории дурударози зиёда аз 10 сол ба қайд гирифта шуд.

Ҳангоми табобати анъанавӣ аксар нишондиҳандаҳои иммунологӣ (аз 9 то 6) зарардида боқӣ монданд, ҳол он ки бо истифодаи тимотсин аз 9 то 8 нишондиҳандаи тағйирёфта ба меъёр даромаданд.

Ҳамин тариқ, озмоиш нишон дод, ки афзалияти табобати комплексии псориаз, ки дар камшавии муҳлати табобат ифода ёфта, он ба ҳисоби миёна 3,9 рӯз ва муҳлати будубоши беморон дар беморхона ба 3,4 рӯз кам гардид.

Дар 10 фоизи маврид мавҷуд набудани самараи клиникӣ аз табобати комплексӣ, эҳтимол ба ирсияти ба шакли вазнини бемории псориаз майл доштани беморон вобастагӣ дошта бошад. Чунин майли ирсии беморон бо вуҷуди истифодаи тимотсин ва дигар методҳои терапевтӣ ба беҳбудии ҳолати беморон мушкилот эҷод менамояд.

Инро зарурати боз ҳам ба табобати чунин шаклҳои беморӣ муносибати фардӣ кардан ва истифодаи потенсиалии воситаҳои иловагии терапевтиро барои ба даст овардани натиҷаҳои клиникӣ тақозо мекунад.

Дар зинаи дигари таҳқиқот омӯзиши таъсири тимотсин ба нишондиҳандаҳои биохимиявии хуни харгӯшон зимни қубоди озмоишӣ гузаронида шуд. Бо мақсади ба вуҷуд овардани бемории қубоди захрдори озмоишӣ ба хуни онҳо карбони чорхлордор гузаронида шуд. Ин раванд имкон дод, ки таъсири препарат ба фаъолияти ҷигар ва нишондиҳандаҳои биохимиявии хун арзёбӣ карда шавад, ки он барои муайян намудани самаранокии он дар шароитҳои захролудшавии ҷигар нақши калидӣ мебозад.

Дар ин қарина нишондиҳандаҳои биохимиявии хун, аз қабили дараҷаи билирубин, трансаминаза ва дигар ферментҳо нишондиҳандаи асосии зарарёбии ҷигар ва самаранокии табобати терпаевтӣ маҳсуб мешаванд.

Натиҷаҳои таҳлили хуни харгӯшон, ки дар ҷадвали 10 оварда шудааст, дар хусуси нишондиҳандаҳои биохимиявӣ пеш ва баъд аз табобат бо маҳлули тимотсини консентратсияаш $1x10^{-2}$ маълумот медиҳад. Ин маълумот имкон доданд, ки динамикаи тағйироти нишондиҳандаҳои хун арзёбӣ карда, таъсири терапевтӣ барои барқарор намудани фаъолияти ҷигар, инчунин тағйироти умумии организми ҳайвонот дар ҷавоб ба табобат намоиш дода шавад.

Ҷадвали 10. – Нишондиҳандаҳои биохимиявии хуни ҳайвонот то ва баъд аз истифодаи тимотсин ва консентратсияи $1x10^{-2}$

№	Нишондиҳанда	То муолиҷа	Баъд аз муолиҷа	Саҳеҳияти фарқият	Меъёр
1.	Сафедаи умумӣ, г/л	61,5±3,0	68,0±2,4	P > 0,05	60-82
2.	Холестерин, ммол/л	0,85+0,1	0,95±0,08	P > 0,05	0,91-1,37
3.	Билирубини умумӣ, мкмол/л	12,37±1,45	9,86±0,93	P > 0,05	0,17-12
4.	Билирубин, ки бо мкмол/л алоқаманд аст	3,45±0,31	2,91 ±0,28	P > 0,05	0-1,67
5.	Билирубини озод, мг%	7,82±1,0	4,67±0,9	P < 0,05	0-1,71
6.	Мочевина, ммол/л	6,73±0,77	6,12±0,75	P > 0,05	2,3-6,6
7.	Креатинин, ммол/л	150,3±19,1	156,6±17,11	P > 0,05	44,2-141,4
8.	АЛАТ, воҳ/л	120,8±9,7	58,3±6,87	P < 0,05	25-60
9.	АСАТ, воҳ/л	77,9±7,35	27,3±4,81	P < 0,05	5-31
10	Амилаза, воҳ/л	223,0+19,7	186,8±16,9	P > 0,05	0-485
11	Қанд, ммол/л	16,34+1,9	13,91 + 1,01	P > 0,05	6,1-15,9
12	Триглитсеридҳо, ммол/л	1,47±0,44	1,69±0,1	P > 0,05	1,4-1,8
13	ЛПВП	0,73+0,07	0,70±0,04	P > 0,05	
14	Кислотаи пешоб, 2%	0,63±0,05	0,59±0,06	P > 0,05	0,6-0,8
15	Фосфатазаи ишқорӣ	0,23±0,3	0,14±0,4	P > 0,05	0,90-2,99

Аз ҷадвали 10 аён аст, ки баъд аз воридсозии карбони чорхлордор дар харгӯшон аломатҳои қуболи захрдор қайд гардиданд: зиёдшавии миқдори билирубин, фаъолнокии АЛАТ ва АСАТ, креатинин ва қанд. Ин тағйирот ба таври статистикӣ боэътимод мебошанд ($P<0,05$).

Омӯзиши хусусиятҳои захрнок ва фармакологии комплексҳо дар асоси аргинин ва доруи тимогар бо ионҳои мис, нукра зимни илтиҳоби мултаҳимаи чорвои калони шохдор. Дар марҳалаи якуми таҳқиқот тавсифоти захрдории пайвастаҳои интихобшудаи комплексиро омӯхтем.

Омӯзиши амали осебрасонандаи комплексҳои таҳқиқшаванда ба пардаи луобии чашмони харгӯшон нишон дод, ки онҳо ба пардаҳои луобии чашмони харгӯшон қариб якхела таъсир мерасонанд ва амали нисбатан ороми ангезандагиро зоҳир менамоянд. Комплексҳои зикргардида аз рӯйи системаи А. Вайд 6 хол гирифтанд.

Зимни таҳқиқи захрнокии калони комплексҳо дар мушҳои сафед дар давраи таҳқиқот ҳолати умумӣ ва рафтори ҳайвоноти озмоишӣ аз гурӯҳҳои назоратӣ фарқ намекарданд. Иштиҳои онҳо аз гурӯҳи назоратӣ фарқ намекард. Тағйироти вазни мушҳо, ки комплексҳоро

қабул карда буданд, аз меъёр майл намекард.

Дар давоми 14 шабонарӯз фавти мушҳои тачрибавӣ ба қайд гирифта нашуд. Ин нишон медиҳад, ки комплексҳо дорои захрнокӣ нестанд. Азбаски дар андозаи 5000 мг/кг фавт ошкор нагашт, пас аз рӯйи ГОСТ 12.1.007-76 ин комплексҳо ба гурӯҳи 6-уми хатар (нисбатан бехатар) мансуб буда метавонанд.

Натиҷаҳои муайянкунии фаъолнокии зиддибактериявии комплексии А in vitro нишон доданд, ки МБсК барои бактерияҳои граммусбат дар ҳудуди 1,56-6,26 мкг/мл қарор дошт.

Ҷадвали 11. – Фаъолнокии минималӣ бактериостатистикӣ ва бактериосидии комплекси А зидди барангезандаҳои имконпазири конъюктивити бактериалӣ in vitro, мкг/мл

Намуди микроорганизмҳо	МБсК	МБсК
Staphilococcus aureus 209 P	3,14	6,26
Staphilococcus aureus (n)	6,26	12,3
Staphilococcus aureus (n)	6,25	12,7
Staphilococcus epidermises (n)	3,14	6,26
Staphilococcus epidermises (n)	1,56	3,14
Staphilococcus cowan – I ЛСТСС-8530	6,26	12,5
Staphilococcus pneumonia (n)	1,56	3,14
Pseudomonas aeruginosa (n)	100,0	200,0

Ҳамин тариқ, комплекси А ба муқобили микроорганизмҳое, ки дар аксари мавридҳо илтиҳоби мултаҳимаи бактериявиро ба вуҷуд меоранд, фаъолнокии баландро зоҳир мекунад. Ҳамаи ҳайвонот ба ду гурӯҳ тақсим карда, табобат бо методикаҳои гуногун амалӣ карда шуд.

Дар тачрибаи аввал ба гурӯҳи якум ҳайвоноти бемори илтиҳоби мултаҳимаи назлавӣ дохил карда шуданд, ки бо оби нуқра табобат мешуданд.

Ба гурӯҳи дуюм ҳайвоноте мансуб буданд, ки бо аргинин ва оби нуқра табобат меёфтанд.

Ҷадвали 12. – Қимати миёнаи лейкоситҳо ва эритроситҳо

Нишондиҳанда	Меъёр	Қимат	
		Ҳайвоноте, ки танҳо бо оби нуқра табобат шуд	Ҳайвоноте, ки бо оби нуқра ва аргинин табобат шуд
Эритроситҳо, 10^{12}	5-10	7,64±0,7	7,79±0,8
Лейкоситҳо, 10^{9}	4-12	9,89±1,0	9,92±0,9

То табобат миқдори эритроситҳо дар ҳарду гурӯҳи ҳайвонот тақрибан якхела буд: онҳо аз ҷиҳати статистикӣ аз якдигар фарқ намекарданд ва мувофиқи меъёр буданд.

Табобат баъди пурра барҳам хӯрдани аломатҳои беморӣ анҷомёфта ҳисобида шуд. Тачрибаи минбаъда нисбатан муфассалтар буд.

Чи тавре маълумот нишон медиҳанд, нишондиҳандаҳои гематологии асосии говҳои фермаи чорводорӣ ҳангоми табобати илтиҳоби мултаҳимаи бактериявӣ, бо вуҷуди дар сатҳи меъёри физиологӣ будан, дар ҷараёни тачриба, махсусан ҳангоми истифобарии комплекси А, хеле тағйир ёфтанд.

Ҳангоми муолиҷаи илтиҳоби мултаҳимаи назлавӣ бо комплекси А камшавии гиперемияи илтиҳоби мултаҳима, экссудати луобӣ-фассодӣ аз 4-5 рӯзи баъд аз муолиҷа оғоз меёбад (ҷадвали 13). Дар шабонарӯзи 13-15 аломатҳои беморӣ кам гаштанд. Дар шабонарӯзи

15-16 аз оғози табобат ҳолати умумии ҳайвонот ба меъёр медаромад.

Ҷадвали 13. – Нишондиҳандаҳои гемотологии модаговҳо зимни муолиҷаи илтиҳоби мултаҳимаи назлавӣ бо комплексҳои ионҳои мис ва нуқрадошта (M±m), n=21 консентратсияи 1х10^{-6}

Нишондиҳанда	Назорат	Комплекси «А»		Комплекси «Б»	
		то табобат	баъд аз табобат	то табобат	баъд аз табобат
Эритроситҳо, х10^{12}/л	5-10	5,8±0,13	6,97±0,69	6,2±0,25	6,65±0,47
Гемоглобин, г/л	80-150	83,1±2,1	92,8±3,36	85,2±2,47	90,5±4,17
Лейкоситҳо, х10^{9}/л	4-12	13,3±1,67	9,4±1,29	12,7±2,35	10,5±1,23
СТЭ, мм/соат	0,1-0,6	0,33±0,04	0,49±0,07	0,37±0,03	0,41±0,09
Эозинофилҳо, %х10^{9}/л	2-20	5,6	7,9	5,1	6,5
Лимфоситҳо, %х10^{9}/л	45-75	48,1	57,3	44,1	59,3
Моноситҳо, %х10^{9}/л	2-7	4,5	6,1	5,1	5,9

Маълумоти нишондиҳандаҳои биохимиявӣ ва иммунологии хуноба дар ҷадвали 14 пешниҳод гардидааст. Ин нишондиҳандаҳо дар доираи меъёрҳои физиологӣ қарор дошта, дорои аҳамияти бештар мебошанд.

Ҷадвали 14. – Нишондиҳандаҳои биохимиявӣ ва иммунологии хунобаи модаговҳо зимни муолиҷаи илтиҳоби мултаҳимаи назлавӣ бо комплексҳои ионҳои мис ва нуқрадошта (M±m), n=21 консентратсияи 1х10^{-6}

Нишондиҳанда	Назорат	Комплекси «А»		Комплекси «Б»	
		то табобат	баъд аз табобат	то табобат	баъд аз табобат
Сафедаи умумӣ, 10 г/л	60-80	51±2,1	73,6±2,1	64,2±3,1	71,6±3,3
Калтсий, ммол/л	2,1-2,8	2,2±1,1	2,8±2,3	2,1±1,5	2,3±2,4
Фосфор, ммол/л	1,4-2,5	1,4±0,66	2,5±0,50	1,6±0,72	2,4±0,44
Фаъолнокии лизосимии хуноба бо %	10-25	15,1±2,5	17,3±1,7	15,3±1,3	16,5±2,7
Фаъолнокии фагоситарии лейкоситҳо (ФФЛ) бо %	65-85	61,3±2,2	68,5±3,2	62,4±2,3	67,3±1,5
Миқдори фагоситҳо (МФ) бо %	6-9	6,5	7,1	6,6	6,9

P<0,05

Сиҳатшавии ҳайвоноти гирифтори илтиҳоби мултаҳимаи шадид ба таври зайл қайд гардид: зимни муолиҷа бо комплекси А дар давоми 4-5 рӯз ва бо комплекси В баъд аз 6-7 рӯз аз оғози муолиҷа; муолиҷаи беморони гирифтори илтиҳоби мултаҳимаи фасоддор бо комплекси А баъд аз 18-20 рӯз ва бо комплекси Б баъд аз 20-21 рӯзи табобат. Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки муолиҷаи анъанавии илтиҳоби мултаҳимаи назлавӣ 1,5-2 ҳафта ва илтиҳоби мултаҳимаи фасоддор 1,5 моҳ давом мекунад.

Ҳамин тариқ, доруҳо дар асоси комплексҳои аргинин бо мис ва нуқра, тимогар бо мис ва нуқра барои муолиҷаи ҳайвоноти гирифтори илтиҳоби мултаҳима самаранок буда, ба ихтисори калони муҳлати табобат имкон медиҳанд.

Дар рафти таҳқиқоти муқоисавӣ таъсири тимоарг ва тимотсин ба нишондиҳандаҳои биохимиявии хуни харгӯшҳои дар онҳо қуболи озмоишӣ ба вуҷудовардашуда дар якчанд таҳлили пай дар пайи озмоишӣ гузаронида шуд. Натиҷаҳои бадастомада дар ҷадвалҳои 15 ва 16 оварда шудаанд.

Ҷадвали 15. – Нишондиҳандаҳои биохимиявии хуни ҳайвонот то ва баъд аз истифодаи маҳсули обии пайвастаҳои мутобиқатии дипептиди изолейтсил-триптофан бо иони нукра ва консентратсияи 1х10^{-6}

Нишондиҳанда	То табобат	Баъди табобат	Тағйирёбии нишондиҳандаҳо бо %	Эътимоднокии фарқият	Меъёр
Сафедаи умумӣ, г/л	63,7±2,9	63,7±2,9	5,1	P>0,05	60-82
Холестерин, ммол/л	0,88±0,1	1,01±0,07	11,9	P>0,05	0,91-1,37
Билирубини умумӣ, мкмол/л	12,36±1,9	9,95±0,72	-25,0	P>0,05	0,17-12
Билирубини алоқаманд, мкмол/л	3,59±0,3	2,97±0,18	-24,9	P>0,05	0-1,67
Билирубини озод, мг%	7,92±1,02	4,77±0,92	-66,0	P>0,05	0-1,71
Мочевина, ммол/л	6,77±0,68	6,15±0,83	-91,0	P>0,05	2,3-6,6
Креатинин, ммол/л	150,55±18,26	156,45±16,64	4,3	P>0,05	44,2-141,4
АЛАТ, в/ч	122,3±10,55	54,2±7,37	-130,1	P>0,05	25-60
АСАТ, в/ч	77,6±7,78	23,8±5,67	-229,4	P>0,05	5-31
Амилаза,в/ч	230,6±17,0	197,9±13,3	-20,9	P>0,05	0-485
Қанд, ммол/л	16,37±1,89	13,89±0,92	-17,3	P>0,05	6,1-15,9
Триглитсерид, ммол/л	1,59±0,39	1,77±0,23	8,5	P>0,05	1,4-1,8
ЛПВП, ммол/л	0, 7±0,06	0,65±0,03	-3,1	P>0,05	
Кислотаи пешоб, мг%	0,75±0,07	0,71±0,08	-8,5	P>0,05	0,6-0,8
Фосфатазаи ишқорӣ	0,180±0,20	0,185±0,18	-8,3	P>0,05	0,90-2,29

Ҷадвали 16. – Нишондиҳандаҳои биохимиявии хуни ҳайвонот то ва баъд аз истифодаи тимотсин ва консентратсияи 1х10^{-2}

Нишонди-ҳанда	То табобат	Баъди табобат	Тағйирёбии нишондиҳандаҳо бо %	Эътимодно кии фарқият	Меъёр
Сафедаи умумӣ, г/л	63,7±2,9	63,7±2,9	5,1	P>0,05	60-82
Холестерин, ммол/л	0,88±0,1	1,01±0,07	11,9	P>0,05	0,91-1,37
Билирубини умумӣ, мкмол/л	12,36±1,9	9,95±0,72	-25,0	P>0,05	0,17-12

Хотимаи ҷадвали 16

Билирубини алоқаманд, мкмол/л	3,59±0,3	2,97±0,18	-24,9	P>0,05	0-1,67
Билирубини озод, мг%	7,92±1,02	4,77±0,92	-66,0	P>0,05	0-1,71
Мочевина, ммол/л	6,77±0,68	6,15±0,83	-91,0	P>0,05	2,3-6,6
Креатинин, ммол/л	150,55±18,26	156,45±16,64	4,3	P>0,05	44,2-141,4
АЛАТ, в/ч	122,3±10,55	54,2±7,37	-130,1	P>0,05	25-60
АСАТ, в/ч	77,6±7,78	23,8±5,67	-229,4	P>0,05	5-31
Амилаза,в/ч	230,6±17,0	197,9±13,3	-20,9	P>0,05	0-485
Қанд, ммол/л	16,37±1,89	13,89±0,92	-17,3	P>0,05	6,1-15,9
Триглитсерид, ммол/л	1,59±0,39	1,77±0,23	8,5	P>0,05	1,4-1,8
ЛПВП, ммол/л	0, 7±0,06	0,65±0,03	-3,1	P>0,05	
Кислотаи пешоб, мг%	0,75±0,07	0,71±0,08	-8,5	P>0,05	0,6-0,8
Фосфатазаи ишқорӣ	0,180±0,20	0,185±0,18	-8,3	P>0,05	0,90-2,29

Барои ба вуҷуд овардани қуболи озмоишӣ ба хуни харгӯшон чорхлориди карбон ворид карда шуд, ки ин ба баландшавии чашмраси билирубини умумӣ, фаъолнокии аланинаминотрансфераза (АЛАТ) ва аспартатаминотрансфераза (АСАТ), инчунин консентратсияи креатинин, қанд ва холестерини хун мусоидат намуд. Ин тағйирот аз вайроншаии функсияи ҷигар, ки бо таъсири захрнокӣ ба вуҷуд омадааст, шаҳодат медиҳад.

Баъди истифодаи тимоарг ва тимотсин таъсири ба меъёр омадани дараҷаи билирубини умумӣ, фаъолнокии АЛАТ ва АСАТ, ҳамчунин камшавии консентратсияи холестерин ва қанди таркиби хун мушоҳида гардид. Ҳамин тариқ, ҳарду дору ба барқароршавии нишондиҳандаҳои биохимиявии вайроншудаи хун мусоидат намуданд, ки самаранокии онҳоро дар ислоҳшавии осеби функсионалии ҷигар, ки ба таъсири агенти захрнок ба вуҷуд омада буданд, нишон доданд.

Таҳлили муқоисавӣ нишон дод, ки таъсири тимоарг ва тимотсин ба нишондиҳандаҳои биохимиявии хун муқоисашаванда буданд, ки ин аз потенсиали баланд доштани ҳарду дору ҷиҳати беҳбудӣ бахшидани ҳолати ҷигар дар шароити гепатити экспериментолӣ шаҳодат медод.

Баъди истифодаи препаратҳо (тимоарг ва тимотсин) пастшавии статистикии боэътимод ($P<0,05$) ҳангоми дараҷаи билирубини озод, инчунин фаъолнокии АЛАТ ва АСАТ ба даст оварда шуд, ки ин беҳтаршавии ҳолати функсионалии ҷигарро нисбат ба табобат нишон медиҳад. Тағйирот дар нишондиҳандаҳои хуни харгӯшон нишон медиҳад, ки ҳарду дору ба раванди барқароршавии ҷигар таъсири мусбат расонида, дараҷаи захрнокиро паст намуда, нишондиҳандаҳои биохимиявии асосиро, ки ба функсияи ҷигар алоқаманданд, беҳтар месозанд. Ҳарду табобат механизми ба ҳам монанди таъсирро нишон доданд, ки барои таҳияи методҳои универсалии табобати ҷигар, осеби захрнокшавии он, ки ба воситаи маводи

агрессивии гуногун, аз қабили чорхлориди карбон ба вуҷуд оварда шудаанд, хеле муҳим мебошанд.

Ҳамин тариқ, корбурди тимотсин ва тимогар ба муътадилшавии таркиби билирубин, қанд, холестерин ва фаъолнокии АЛАТ ва АСАТ мусоидат намуд, ки аз мавҷудияти хусусиятҳои гепатопроекторӣ дар тимогар ва тимотсин шаҳодат медиҳад.

Хусусиятҳои терапевтии пайвастаҳои мутобиқшудаи нуқра ва дипептиди H-Ile-Trp-OH зимни муолиҷаи сирояти герпесвируси чорвои калони шохдор. Дар таҳқиқоти манзур самаранокии пайвастҳои координатсионии нуқра ва дипептиди H-Ile-Trp-OH (изолейтсил-триптофан дар табобати герпесвируси сироятӣ арзёбӣ гардид.

Барои озмоиш маҳз ҳамин пептид, ки бо ионҳои нуқра координатсия шуда буданд, истифода бурда шуд.

Натиҷаҳои арзёбии муқоисавии таъсири комплекси дипептиди изолейтсил-триптофан, нуқра ва тимотсин ба нишондиҳандаҳои хун дар ҷадвали 17 оварда шудааст. Чи тавре дида мешавад нишондиҳандаҳо қариб, ки аз якдигар фарқ намекунанд ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки чорво дар ҳолати хуб қарор доштанд.

Ҷадвали 17. - Нишондиҳандаҳои миёнаи хуни ҳайвонот

Нишондиҳандаҳо	Қимати	
	Тимоарг	Тимотсин
Эритроситҳо, х10^{12} /л	6,4	5,28
Гемоглобин, г/л	89,74	89,8
Лейкоситҳо, х10^{9} /л	7,4	7,2
Моноситҳо, х10^{9} /л	5,65	5,6
Эозинофилҳо, х10^{9} /л	9,66	9,58
Лимфоситҳо, х10^{9} /л	57,7	58,3

Ҷадвали 18. – Таъсир ба нишондиҳандаҳои муқоисавии титри герпесвирусҳои гурӯҳи якуми «А» ва гурӯҳи дуюми «В»

Номгӯи доруҳо		Гурӯҳи «А»			Гурӯҳи «В»		
		то табобат ва муоина	баъд аз 21 рӯз	баъд аз 35 рӯз	то табобат ва муоина	баъд аз 21 рӯз	баъд аз 35 рӯз
Изолейт-сил-трипто-фан ва нуқра	модина	Титр-1:615	Т-1:200	Т-1:000	Титр-1:415	Т-1:100	Т-0:050
	нарина	Титр-1:415	Т-1:327	Т-1:005	Титр-1:320	Т-1:150	Т-0:050
Тимот-син	модина	Титр-1:340	Т-1:255	Т-1:150	Титр-1:400	Т-1:200	Т-1:150
	нарина	Титр-1:425	Т-1:266	Т-1:200	Титр-1:450	Т-1:300	Т-1:200

Чи тавре ки аз ҷадвали 18 аён аст, то табобат титри зиддисироятӣ дар гурӯҳи «А» назар ба гурӯҳи «В» баландтар буд. Титрҳои зиддисироятӣ баъд аз табобат дар ҳар ду гурӯҳ дар он зергурӯҳҳое хеле паст шудаанд, ки аз комплекси дипептиди изолейтсил-триптофан ва нуқра истифода бурдем: баъд аз 35 рӯзи табобат онҳо то сатҳи 1:000 – 1:50 паст шуданд.

Таҳлили биохимиявӣ нишон доданд (ҷадвали 19), ки ба меъёр даромадани нишондиҳандаҳои хун дар ҳолати истифодаи тимоарг беҳтар аст. Эҳтимол меравад, ки истифодаи ин препарат дар якҷоягӣ бо таъсири иммунобахшии дипептид вобаста буда, ин препарат аз ҳисоби нуқра таъсири иммунобахшӣ зоҳир менамояд.

Ҳамин тариқ, маълум мешавад, ки тимоарг дар муқоиса бо тимотсин дар табобати герпеси вирусӣ самараи бештар дорад.

Омӯзиши муқоисавии таъсири тимогар ва тимотсин ба самаранокии пешгирикунии ваксинавӣ ва табобати ринотрахеити сироятии гӯсолаҳо. Нишондиҳандаҳои хуни ҳайвонот ба якдигар хеле наздик буда, тибқи меъёр қарор дошт, ки ин аз ҳолати хуби чорво ва интихоби дурусти онҳо шаҳодат медиҳад.

Ҷадвали 19. – Нишондиҳандаҳои қиёсии биохимиявии хун зимни истифодаи изолейтсил-триптофан, нуқра ва тимотсин

Нишондиҳанда	Номгӯи маводи доруворӣ			
	Тимотсин	Пайвасти координатсионии изолейтсил-триптофан ва нуқра		Меъёр
	Тағйироти параметрҳо ҳангоми истифодаи маводи доруворӣ			
	Мутлақ		Мутлақ	
Сафедаи умумӣ, г/л	66		68	65-85
Холестерин, ммол/л	4,7		6,0	3,3-6,6
Қанд, ммол/л	5,2		6,2	4,2-6,4
Амилаза,в/ч	12,5		13,6	12-32
Мочевина, ммол/л	5,7		7,1	5,3-8,3
Креатинин, ммол/л	51,6		76,1	57-97
Билирубини умумӣ, мкмол/л	13,1		15,6	8,0-20
Билирубини алоқаманд, мкмол/л	6,1		6,3	2-5
Билирубини озод, мкмол/л	6,4		8,7	1-17
АЛАТ, в/ч	0,67		0,72	0,15-0,68
АСАТ, в/ч	0,32		0,42	0,15-0,45

Ҷадвали 20. – Нишондиҳандаҳои миёнаи ҳайвонот

Нишондиҳандаҳо	Қимати	
	Тимоарг	Тимотсин
Эритроситҳо, $x10^{12}$ /л	6,4	5,28
Гемоглобин, г/л	89,74	89,8
Лейкоситҳо, $x10^{9}$ /л	7,4	7,2
Моноситҳо, $x10^{9}$ /л	5,65	5,6
Эозинофилҳо, $x10^{9}$ /л	9,66	9,58
Лимфоситҳо, $x10^{9}$ /л	57,7	58,3

Чи тавре аён аст, нишондиҳандаҳо аз ҳамдигар фарқ накарда мувофиқи меъёр мебошанд.

Гурӯҳи якуми ҳайвонот, ки ваксинатсия нашуда буданд, ба сифати гурӯҳи назоратӣ мононда шуд. Ба гурӯҳи боқимонда ваксина ба дохили мушак дар ҳудуди 2 $см^3$ ба ҳар сар чорво гузаронида шуд. Илова ба ваксина ба чорвои гурӯҳи сеюм тимоарг ва ба фардҳои гурӯҳи чорум тимотсин ворид карда шуданд. Реваксинатсия баъди 20 рӯзи ваксинатсиякунӣ

гузаронида шуд. Барои таҳлил аз чорво баъди 20, 60, 120 ва 180 рӯзи ваксинатсиягузаронии ибтидоӣ хун гирифта шуд. Натиҷаи омӯзиши самаранокии ваксинатсияи гӯсолаҳо дар ҷадвали 21 оварда шудааст.

Ҷадвали 21. – Шиддатнокии сироятнопазирӣ дар гӯсолаҳо зимни истифодаи ваксинаи тиҷоратӣ (M±m), n=20

Гурӯҳи чорво	Муҳлати таҳқиқот			
	20 рӯз	60 рӯз	120 рӯз	180 рӯз
	Титри антиҷисмҳо дар pH ва ИРТ, (log2)			
Гурӯҳи 1	0,4±0,21	0,4±0,215	0,2±0,22	0,2±0,215
Гурӯҳи 2	3±0,61	5,40±0,47	4,10±0,44	2,90±0,44
Гурӯҳи 3	5,20±0,63	9,60±0,72	7,40±0,69	5,20±0,58
Гурӯҳи 4	5,10±0,58	9,30±0,73	7,20±0,71	5,10±0,41

Чи тавре аз ҷадвали 21 дида мешавад то лаҳзаи ваксинатсия дар хуни гӯсолаҳо амалан антиҷисмҳои зидди ринотрахеити сироятӣ мавҷуд набуд ва титри зиддисироятӣ ба 0,2±0,015 баробар меомад.

Баъд аз 20 рӯзи ваксинагузаронии аввалӣ титри зиддисироятӣ дар гурӯҳи дуюм 2,80±0,21 log2-ро ташкил дода, дар гурӯҳи сеюм он 1,8 маротиба ва дар гурӯҳи чорум назар ба гурӯҳи дуюм 1,75 маротиба баландтар буд. Баъд аз 60 рӯзи ваксинагузаронии аввалӣ ва 40 рӯз пас аз ваксинагузаронии дуюмӣ титри зиддисироятӣ дар гурӯҳи дуюм дар қиёс бо баъд аз 20 рӯзи ваксинагузаронии аввалӣ то 1,86 маротиба, дар гурӯҳи сеюм то 1,88, дар гурӯҳи чорум то 1,86 маротиба афзуд.

Баъд аз он пастшавии сатҳи титри зиддисироятӣ дар қиёс бо титри зиддисироятӣ баъд аз 60 рӯз қайд гашт: дар гурӯҳи дуюм то 1,27 маротиба, дар гурӯҳи сеюм то 1,27 маротиба, дар гурӯҳи чорум то 1,26 маротиба.

Баъд аз 180 рӯзи ваксинагузаронии аввалӣ титри зиддисироятӣ назар ба ваксинагузаронии баъд аз 20 рӯз каме баланд (3,5-4,1%) буд.

Ҳамин тариқ, истифодаи тимотсин ва тимогар зимни ваксинагузаронии гӯсолаҳо ба муқобили ринотрахеити сироятӣ ба афзоиши титри зиддисироятӣ то 1,8 ва 1,75 маротиба мусоидат намуд. Фаъолнокии ҳавасмандсозандаи сироятнопазирии доруҳо қариб якхела буд.

Натиҷаҳои таҳлили хуни гӯсолаҳо баъди 60 рӯзи ваксинагузаронӣ дар ҷадвали 22 пешкаш гардидааст.

Ҷадвали 22. – Қимати миёнаи нишондиҳандаҳои хуни гӯсолаҳо баъди 60 рӯзи ваксинагузаронӣ

Нишондиҳандаҳо	Қимати	
	Тимоарг	Тимотсин
Эритроситҳо, $x10^{12}$ /л	6,6	6,96
Гемоглобин, г/л	89,4	89,84
Лейкоситҳо, $x10^{9}$ /л	8,0	8,6
Моноситҳо, $x10^{9}$ /л	5,26	5,61
Эозинофилҳо, $x10^{9}$ /л	9,18	9,72
Лимфоситҳо, $x10^{9}$ /л	7	58,31

Чи тавре маълум мешавад, ваксинатсия ба таркиби хуни чорво таъсир расонида, ҳолати фардии онҳоро беҳтар месозад.

Боз як ҷанбаи мубориза бо ИРТ таҳияи нақшаҳои самаранокии табобат ҳисоб меёбад. Дар алоқамандӣ бо ин, коркарди препаратҳои нави самаранок ва андешидани тадбирҳои маҷмуии табобатӣ ҳам барои тиб дар умум ва ветеренария масъалаи муҳим боқӣ мемонад.

Мақсади ин қисмати таҳқиқот омӯзиши самаранокии табобати ринотрахеити сироятии чорвои калони шохдор вобаста аз истифодаи тимотсин ва тимоарг маҳсуб меёбад.

Натиҷаи муқоисавии арзёбии таъсири комплекси дипептиди изолейтсил-триптофан ва нукра, тимотсин ба нишондиҳандаҳои хун дар ҷадвали 23 оварда шудааст.

Ҷадвали 23. – Таъсир ба нишондиҳандаи муқоисавии титри герпесвирусҳои гурӯҳи якум «А» ва гурӯҳи дуюм «В»

Номгӯи доруҳо		Гурӯҳи «А»			Гурӯҳи «В»		
		то табобат ва муоина	баъд аз 21 рӯз	баъд аз 35 рӯз	то табобат ва муоина	баъд аз 21 рӯз	баъд аз 35 рӯз
Тимогар ва нукра	модина	Титр-1:615	Т-1:200	Т-1:000	Титр-1:415	Т-1:100	Т-0:050
	нарина	Титр-1:415	Т-1:327	Т-1:005	Титр-1:320	Т-1:150	Т-0:050
Тимотсин	модина	Титр-1:340	Т-1:255	Т-1:150	Титр-1:400	Т-1:200	Т-1:150
	нарина	Титр-1:425	Т-1:266	Т-1:200	Титр-1:450	Т-1:300	т-1:200

Чи тавре ки аз ҷадвали 23 аён аст, то муолиҷа титри зиддисироятӣ дар гурӯҳи «А» назар ба гурӯҳи «В» баландтар буд. Титрҳои зиддисироятӣ баъд аз табобат дар ҳар ду гурӯҳ дар зергурӯҳҳое, ки дар онҳо аз комплекси тимогар ва нукра истифода бурдем, хеле паст гашт: баъд аз 35 рӯзи табобат онҳо то сатҳи 1:000-1:50 паст шуданд.

Таҳлили клиникӣ ва биохимиявии хуни ҷорво нишон дод, ки миқдори лейкоситҳо ва эритроситҳо дар ҳарду гурӯҳ қариб дар як сатҳи меъёр қарор дорад, ки ин аз мавҷуд набудани майлкунии чашмраси ҳолати саломатии ҳайвонот дарак медиҳад.

Сафедаи умумии таркиби хун дар гурӯҳи якум ва дуюм аз меъёр андеке бештар буд. Ҳамин тариқ, хулоса кардан мумкин аст, ки миқдори препаратҳо ба нишондиҳандаҳои хун таъсир намерасонад.

Маълумоти нишондиҳандаҳои биохимиявӣ (ҷадвали 24) ҳангоми зиёдкунии дучандаи консентратсия нисбат ба натиҷаҳои пештар бадастовардашуда амалан тағйир намеёбад ва ин нишон медиҳад, ки сатҳи беҳтари ба меъёрдароии нишондиҳандаҳои хун дар зергурӯҳҳо ба қайд гирифта шуд.

Ҷадвали 24. – Нишондиҳандаҳои қиёсии биохимиявии хун зимни истифодаи изолейтсил-триптофан, нукра ва тимотсин

Номгӯи доруворӣ	Тағйирёбии параметр зимни истифодаи дору		
	Тимотсин	Пайвастаҳои мутобиқатии изолейтсил-триптофан ва нукра	Меъёр
	мутлақ	мутлақ	
Сафедаи умумӣ, г/л	67	69	65-85 г/л
Холестерин, ммол/л	4,8	6,1	3,3-6,6 мм/л
Қанд, ммол/л	5,2	6,2	4,2-6,4 мм/л
Амилаза, воҳ/л	13,1	14,1	12-32 воҳ/л
Карбамид, ммол/л	5,6	7,0	5,3-8,3 мм/л
Креатинин, ммол/л	51,8	76,3	57-97 мм/л
Билирубини умумӣ, мкмол/л	12,5	15,1	8,0-20 мкм/л

Хотимаи ҷадвали 24

Билирубини алоқаманд, мкм/л	6,2	6,4	2-5 мкм/л
Билирубини озод, мкм/л	6,4	8,7	1-17 мкм/л
АЛАТ, воҳ/л	0,67	0,72	0,15-0,68 воҳ/л
АСАТ, воҳ/л	0,33	0,43	0,15-0,45 воҳ/л

Фаъолнокии иммуностимулятсиякунии тимоарг ва тимотсин қариб якхела буда, аз 1,8 ва 1,75 маротиба зиёдшавии титри антиҷисмҳо шаҳодат медиҳад.

Истифодаи тимотсин ва тимоарг нишондиҳандаҳои биохимиявии хунро ҳангоми ИРТ ба меъёр меоварад, ки ин аз мавҷудияти хосиятҳои протектории онҳо шаҳодат дода, инчунин аз натиҷаҳои бадастомада хулоса кардан мумкин аст, ки ҳангоми истифодаи изолейтсил-триптофан ва нуқра нисбат ба тимотсин табобат ҳангоми ИРТ нисбатан самаранoктар мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти клиникии гӯсолаҳо дар ибтидои озмоиш дар ҷадвали 25 нишон дода шудаанд.

Ҷадвали 25. – Нишондиҳандаҳои физиологӣ ва клиникии чорво то озмоиш

Нишондиҳанда	Гурӯҳи ҳайвонот				
	1	2	2	4	Меъёр
Ҳарорати бадан, С	39,6	41,4	41,5	41,7	38,7-40,7
Тапиши дил, дақ	105,2	113,2	114,2	115,2	99,2-108,2
Нафасгирӣ дар як дақ	54,2	64,2	62,2	65,2	50,2-56,2
Иштиҳо	Ҳаст	Нест	Нест	Нест	Ҳаст
Дарунравӣ	Нест	Ҳаст	Ҳаст	Ҳаст	Нест
Наҷосат	меъёр	Обакӣ, бо изи луоб	Обакӣ, бо изи луоб	Обакӣ, бо изи луоб	меъёр
Вазнгумкунӣ	Нест	Ҳаст	Ҳаст	Ҳаст	Нест
Обравӣ аз бинӣ	Меъёр луоби серозӣ ва луоби зардобӣ+	Меъёр луоби серозӣ ва луоби зардобӣ+	Меъёр луоби серозӣ ва луоби зардобӣ+	Меъёр луоби серозӣ ва луоби зардобӣ+	Меъёр
Пардаи луобии чашм	Меъёр	Варамнокӣ	Варамнокӣ	Варамнокӣ	Меъёр

Дар гӯсолаи гурӯҳҳои боқимонда нишондиҳандаҳои клиникии беморӣ ба қайд гирифта шуданд. Ташхиси ниҳоӣ дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти лабораторӣ муқаррар карда шуданд. Вазни зинда ва нигоҳдоши гӯсолаҳо дар ҷадвали 26 оварда шудааст.

Ҷадвали 26. – Нишондиҳандаҳои вазни зинда ва нигоҳдошти гӯсолаҳо

Гурӯҳ	Вазни зинда, кг		Зиёдшавии шабонарӯзии вазн, г	Нигоҳдошти ҳайвонот	
	1 рӯз	60 рӯз		сар	%
1	30,3	66	595,2	5,2	100,2
2	27,7	65,3	627,2	4,2	80,2
3	26,9	67,1	670,2	5,2	100,2
4	26,8	67,3	675,2	5,2	100,2

Ҷадвали 27. – Нишондиҳандаҳои клиникии хуни гӯсолаҳо дар ибтидои озмоиш

Нишондиҳанда	Гурӯҳи ҳайвонҳо				
	1	2	3	4	Меъёр
Эритроситҳо, млн/мкл	4,31	3,45	3,74	4,06	5-10
Лейкоситҳо, ҳаз/мкл	7,52	7,31	7,23	7,19	4-12
Гемоглобин, г/л	101,5	96,6	93,3	92,7	80-150
СОЭ, мм/соат	1,5	1,4	1,4	1,3	1-6

Ҷадвали 28. – Динамикаи нишондиҳандаҳои клиникии хун

Рӯзҳо	Гурӯҳҳо				
	1	2	3	4	Меъёр
Эритроситҳо, млн/мкл					
1	4,31	3,5	4	3,95	5-10
20	4,40	4,30	5,40	5,50	5-10
30	4,72	4,60	5,30	5,35	5-10
60	4,45	4,40	5,40	5,50	5-10
Лейкоситҳо, ҳаз./мкл					
1	7,52	7,31	7,23	7,19	4-12
20	7,60	7,41	7,40	7,30	
30	7,63	7,50	7,80	7,70	
60	7,68	7,60	7,90	7,80	
Гемоглобин, г/л					
1	101,5	96,6	93,3	92,7	80-150
20	103,6	104,7	108,1	108,5	
30	107	108,4	110,9	112,6	
60	106,7	108,1	112,7	114,1	
СҲЭ, мм/соат					
1	1,5	1,4	1,4	1,3	1,6
20	-	-	-	-	-
30	-	-	-	-	-
60	-	-	-	-	-

Чи тавре аз ҷадвали 29 аён мегардад, то охири озмоиш нишонидҳандаҳои клиникӣ беҳтар гардиданд. Динамикаи беҳтарин дар он гурӯҳи ҳайвонот ба қайд гирифта шуд, ки ба онҳо ба сифати препарати иммуномодуликунанда тимотсин ва тимоарг истифода бурда шуд.

Ҷадвали 29. – Нишондиҳандаҳои иммунобиохимиявии хуни гӯсолаҳо дар ибтидои озмоиш

Нишондиҳанда	Гурӯҳҳо			
	1	2	3	4
Билирубин, мкмол/л	4,45±0,94	10,31±2,0	10,1±1,9	10,42±2,1
Калсий, ммол/л	3,04±0,25	2,53±0,24	2,49±0,28	2,51±0,25
Сафедаи умумӣ, г/л	62,9±3,05	54,5±2,4	55,1±2,6	55,3±2,6
Албумин, %	45,0±1,31	38,72±2,34	39,32±2,29	39,15±2,75

Хотимаи ҷадвали 29

Глобулин, %	56,12±2,25	62,68±2,64	62,18±2,71	61,1±2,6
БАСК, %	47,5±3,62	39,45±3,01	39,15±3,05	38,45±2,81
ФАН	64,5±3,05	52,34±4,9	53,3±5,1	53,1±5,05

Чи тавре аз ҷадвали 29 маълум мегардад, то табобат дар ҳайвонот баландшавии миқдори билирубин ва глобулин, пастшавии миқдори калтсий, сафедаи умумӣ ва албуминҳо, фаъолнокии бактериосидии зардоби хун ва фаъолнокии фагоситарии нейтрофилҳо мушоҳида гардид.

Ҷадвали 30. – Нишондиҳандаҳои иммунобиохимиявии хуни гӯсолаҳо баъди табобат

Нишондиҳанда	Гурӯҳҳо			
	1	2	3	4
Билирубин, мкмол/л	4,45±0,94	10,31±2,0	10,1±1,9	10,42±2,1
Калсий, ммол/л	3,04±0,25	2,53±0,24	2,49±0,28	2,51±0,25
Сафедаи умумӣ, г/л	62,9±3,05	54,5±2,4	55,1±2,6	55,3±2,6
Албумин, %	45,0±1,31	38,72±2,34	39,32±2,29	39,15±2,75
Глобулин, %	56,12±2,25	62,68±2,64	62,18±2,71	61,1±2,6
БАСК, %	47,5±3,62	39,45±3,01	39,15±3,05	38,45±2,81
ФАН	64,5±3,05	52,34±4,9	53,3±5,1	53,1±5,05

Чи гунае ки маълумоти ҷадвали 30 нишон медиҳад, баъди табобат нишондиҳандаҳои иммунобиохимиявии хуни гӯсолаҳо ба нишондиҳандаҳои хуни чорвои солим наздик шуда, дар баробари ин, нишондиҳандаҳои ҳайвоноти гурӯҳҳои сеюм ва чорум, ки барои табобати онҳо тимотсин ва тимоарг истифода бурда шуда буд, нисбатан наздик буданд.

Истифодаи препаратҳои иммуномодуликунандаи тимотсин ва тимоарг ҳангоми дарунравии гӯсолаҳо самаранокии табобат ва нигоҳдошти саршумори чорворо баланд мебардорад.

ХУЛОСАҲО

Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

1. Дар натиҷаи арзёбии таъсири пайвастагиҳои координасионӣ ба нишондиҳандаҳои биохимиявӣ ҳангоми муолиҷаи псориаз муайян гардид, ки истифодаи онҳо ба нишондиҳандаҳои асосии биохимиявӣ ва иммунологӣ таъсири мусбат мерасонад, ба беҳтар шудани ҳолати умумии беморон мусоидат менамояд, инчунин мӯҳлати сиҳатшавии клиникӣ ва будубош дар бемористонро нисбат ба усулҳои анъанавии муолиҷа кӯтоҳ мегардонад [13-А; 12-А; 9-А; 15-А; 14-А].
2. Омӯзиши самаранокии истифодаи пайвастагиҳои координасионӣ ҳангоми бемориҳои пӯст нишон дод, ки ворид намудани онҳо ба муолиҷаи маҷмуии псориаз ба баланд гардидани натиҷабахшии клиникии табобат оварда мерасонад, ки ин дар афзоиши ҳиссаи ҳолатҳои сиҳатшавии клиникӣ ва беҳбудии назарраси вазъи беморон ифода меёбад [11-А; 10-А; 7-А; 8-А; 5-А; 6-А; 15-А].
3. Дар ҷараёни муайян намудани фаъолнокии биологии пайвастагиҳои нави комплексии аминокислотаҳо ва пептидҳои иммунофаъол (аргинин ва дипептиди изолейцил-триптофан) бо ионҳои нуқра ва мис (II) ҳангоми бемориҳои гуногуни ҳайвонот муқаррар карда шуд, ки ин пайвастагиҳо дорои фаъолнокии баландии зиддимикробӣ, антиоксидантӣ, иммуномодуляторӣ ва гепатопротекторӣ буда, дар вояҳои

тавсияшаванда таъсири захролудӣ нишон намедиҳанд дозах [13-А; 12-А; 11-А; 10-А; 7-А; 9-А; 5-А; 6-А].

4. Таҳлили муқоисавии фаъолнокии доруҳо дар асоси пайвастагиҳои координасионии аминокислотаҳо бо ионҳои нуқра, мис (II) ва руҳ нишон дод, ки комплексҳои изолейцил-триптофан бо ионҳои нуқра ва руҳ ҳангоми муолиҷаи сироятҳои вирусӣ ва бемориҳои ҳайвонот, аз ҷумла сирояти герпесвирусӣ ва конъюнктивит, нисбат ба як қатор иммуномодуляторҳои анъанавӣ самаранокии баланди терапевтӣ доранд [11-А; 10-А; 8-А; 5-А; 6-А; 17-А; 18-А; 16-А].

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

1. Дар тибб истифодаи тимотсин зимни муолиҷаи псориаз, аз ҷумла терапияи мураккаб тавсия дода шавад.
2. Дар бойторӣ тимотсин ва тимогар зимни пешгирӣ бо ваксинагузаронӣ, табобати ИРТ ва табобати диареяи гӯсолаҳо, ки аз вирусҳо ба вуҷуд меоянд, мавриди истифода бояд қарор ёбад.

ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

I. Дастурҳои таълиме, ки Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав тавсия ва чоп кардаанд

[1-М]. *Бобиев, Ғ.М.* Атлас (маҷмӯи зарраҳои хурдтарин дар дурдаи пешоб) [Матн] / Ғ.М. Бобиев, **Ф.Ф. Раҷабов**. – Душанбе: «Ирфон», 2020. – 146 с.

[2-М]. *Болтаев, М. А.* Практикуми химияи биологӣ [Матн] / М.А. Болтаев, У.А. Нуров, Б.А. Ғафуров, **Ф.Ф. Раҷабов**. – Бохтар: ҶДММ «Матбаа» 2019. – 176 с.

[3-М]. *Болтаев, М.А.* Химияи биологӣ. Витаминҳо ва дигар пайвастаҳои фаъоли биологӣ. (қисмӣ 2). [Матн] / М.А. Болтаев, **Ф.Ф. Раҷабов**, У.А. Нуров. – Қӯрғонтеппа: ҶДММ «Матбаа», 2013. – 148 с.

[4-М]. *Болтаев, М.А.* Химияи биологӣ. Витаминҳо ва дигар пайвастаҳои фаъоли биологӣ. (қисмӣ 1). [Матн] / М.А. Болтаев, **Ф.Ф. Раҷабов**, У.А. Нуров. – Қӯрғонтеппа: ҶДММ «Матбаа», 2012. – 112 с.

II. Мақолаҳое, ки дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти ҶТ ва КОА ФР чоп шудаанд:

[5-М]. ***Раджабов, Ф.Ф.*** Комплексы серебра с дипептидами и трипептидами [Текст] / Ф.Ф. Раджабов, Г.М. Бобизода // Вестник Дангаринского государственного университета. – 2024. – №4(30). – С. 102-113. – ISSN 2410-4221.

[6-М]. *Бобизода, Г.М.* Результаты применения комплексов металлов при терапии воспалительных глазных заболеваний [Текст] / Г.М. Бобизода, **Ф.Ф. Раджабов,** М. Кодиров // Журнал Наука и инновации. – 2024. – №1. – С. 72-75-161. – ISSN: 2312-3648.

[7-М]. ***Раджабов, Ф.Ф.*** Сравнительное изучение влияния тимоарга и тимоцина на эффективность вакцинопрофилактики и лечения инфекционного ринотрахеита телят [Текст] / Ф.Ф. Раджабов // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. – 2021. – №2. – С. 83-87. – ISSN: 2663-5534.

[8-М]. *Бобизода, Г. М.* Сравнительное изучение влияния тимоарга и тимоцина на эффективность лечения телят при диарее [Текст] / Г.М. Бобизода, **Ф.Ф. Раджабов** // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. – 2021. – №2. – С. 65-69. – ISSN: 2663-5534.

[9-М]. ***Раджабов, Ф.Ф.*** Сравнительное изучение влияния тимоарга и тимоцина на биохимические показатели крови лабораторных животных // Наука и инновация. – 2021. – №1. – С. 30-36.

[10-М]. ***Раджабов, Ф.Ф.*** Терапевтические свойства комплекса на основе дипептида изолейцил-триптофан с ионами серебра и цинка при герпесовирусной инфекции

крупного рогатого скота [Текст] / Ф.Ф. Раджабов // Журнал Наука и инновации. – 2020. – №1. – С. 156-161. – ISSN: 2312-3648.

[11-М]. *Бобизода, Г.М.* Изучение токсических и фармакологических свойств комплексов на основе аминокислоты арганина и препарата тимогар с ионами меди, серебра при конъюнктивите крупного рогатого скота [Текст] / Г.М. Бобизода, **Ф.Ф. Раджабов** // Известия Академии наук Республики Таджикистан. – 2019. – №1 (204). – С. 69-76. – ISSN: 0002-3477.

[12-М]. ***Раджабов, Ф. Ф.*** Сравнительное изучение влияния тимоарга и тимоцина на биохимические показатели крови кроликов при экспериментальном гепатите [Текст] / Ф.Ф. Раджабов, К.И. Миразоров, Г.М. Бобизода // Вестник Таджикского национального университета. – 2016. – №1/4 (216). – С. 265-268. – ISSN: 2413-452X.

[13-М]. ***Раджабов, Ф.Ф.*** Влияния тимоцина на биохимические показатели крови кроликов при экспериментальном токсическом гепатите [Текст] / Ф.Ф. Раджабов, А.Н. Шахматов, Г.М. Бобиев, Б. Худойдодов // Вестник Педагогического университета. – 2015. – №2 (63-1). – С. 38-41. – ISSN: 2219-5408.

III. Корҳои илмӣ ва мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои дигар нашр шудаанд:

[14-М]. ***Раджабов, Ф. Ф.*** Изменение биохимических показателей крови кроликов при экспериментальном токсическом гепатите под действием тимоцина. Вестник последипломного образования в сфере здравоохранения [Текст] / Ф.Ф. Раджабов, А.Н. Шахматов, Б. Худойдодов // Вестник Института последипломного образования в сфере здравоохранения. – 2015. – №3. – С. – 51-54. – ISSN: 2307-6461.

[15-М]. *Касымов, О. И.* Эффективность применения тимоцина при псориазе [Текст] / О.И. Касымов, **Ф.Ф. Раджабов**, А.Н. Шахматов, Г.М. Бобиев // Научно-практический журнал Таджикского института последипломной подготовки медицинских-кадров.. – 2014. – №1. – С. – 18-23. – ISSN: 2307-6461

IV. Рӯйхати корҳо дар маҷаллаҳои конфронси байналмилалӣ

[16-М]. *Бобизода, Г. М.* Терапевтические свойства комплекса на основе дипептида изолейцил-триптофан с ионами серебра и цинка при герпесвирусной инфекции крупного рогатого скота [Текст] / Г.М. Бобизода, **Ф.Ф. Раджабов** // Сборник статей II международной научно-практической конференции на тему «Современные проблемы химии, применение и их перспективы», посвященная 60-летию кафедры органической химии и памяти д.х.н., профессора Халикова Ширинбека Халиковича. Душанбе. – 2021. – С. 303-307.

[17-М]. *Бобизода, Г. М.* Изучение токсических и фармакологических препаратов при конъюнктивите крупного рогатого скота [Текст] / Г.М. Бобизода, **Ф.Ф. Раджабов** // Сборник научных статей по итогам национальной научно-практической конференции.«Научное пространство России: генезис и трансформация в условиях реализации целей устойчивого развития», Санкт-Петербург. Центр системного анализа. – 2020. – С. 10-12.

[18-М]. *Бобизода, Г. М.* Терапевтические свойства при лечении герпесвирусной инфекции крупного рогатого скота [Текст] / Г.М. Бобизода, **Ф.Ф. Раджабов** // Международный научно-практический журнал «VIII – глобальная наука и инновации 2020: Центральная Азия», Нур-Султан. Казахстан. – 2020. – №3(1). – С. 102-103.

V. Рӯйхати корҳо дар маҷаллаҳои конфронси ҷумҳуриявӣ

[19-М]. *Бобизода, Г. М.* Определение оптимальных условий экстракции и каличественный анализ биологических веществ в мяте перечной [Текст] / Г.М. Бобизода, **Ф.Ф. Раджабов** // Материалы конференции XXXI ежегодная научно-практическая конференция «Единство науки и образования как инструмент повышения качества медицинской помощи». Душанбе. – 14 ноября 2025. – С. 264-266.

VI. Патент

Бобизода Г.М., Раджабов Ф.Ф. Способ лечения инфекционного ринотрахеита крупного рогатого скота у телят. Малый патент Республики Таджикистан № 1310. Зарегистрировано 28 октября 2022 г.

Руйхати адабиётҳои истифодашуда

1. *Бобиев, Г. М.* Иммуноактивные пептиды и их координационные соединения в медицине: Учебное пособие [Текст] / Г.М. Бобиев, Н.Д. Бунятян – Москва: «Русский врач», 2009. – 239 с.
2. *Бунятян, Н. Д.* Исследование координации иммуноактивных пептидов с ионами металлов как основы для разработки инновационных лекарственных препаратов [Текст] / Н.Д. Бунятян, Г.М. Бобиев // Фармация и фармакология. – 2014. - № 2. – С.66-75
3. *Петренко, В. М.* Функциональная анатомия лимфатической системы: современные представления и направления исследований [Текст] / В.М. Петренко // Международный журнал прикладных и фундаментальных исследований. – 2013. – №11. – С. 94-97.
4. *Холназаров, Б. М.* Разработка нового иммуномодулирующего препарата тимофер [Текст] / Б.М. Холназаров, Г.М. Бобиев, Н.Д. Бунятян // Фармация и фармакология. – 2014. – № 2. – С.88-9.
5. *Aryal E.*, Bhattarai E., Bhattarai S. Zinc therapy in dermatology: A. Review and Update // Nepal Journal of Dermatology, Venereology & Leprology. – 2021. – Vol.19(1). – P. 3-8.
6. *Premlata, S.* Synthesis and Antibacterial Activity of Zn (II) Complexes with 2-substituted Benzothiazoles and Amino Acids [Text] /S.Premlata, G.Verma, //J. Chem. Pharm. Res. – 2012. – №4. –P. 1327-1331.
7. *Trzaskowski, B.* A theoretical study of zinc (II) interactions with amino acid models and peptide fragments [Text] /B. Trzaskowski, L. Adamowicz, P.A. Deymier // Inorg. Chem. – 2008. – №13. – P. 133-137.
8. *Macrae, C.F.* New Features for the Visualization and Investigation of Crystal Structures [Text] /C.F. Macrae, I.J. Bruno, J.A. Chisholm, P.R. Edgington, P. McCabe, E. Pidcock, L. Rodriguez-Monge, R. Taylor, J. Streek, P.A. Wood //J. Appl. Crystallogr. –2008. – №41. – P. 466-470.
9. *Hadjer, F.* Antioxidant and Antimicrobial Activity of Some Transition Metal Complexes with Non-natural Amino Acids Used as Ligand [Text] /F. Hadjer, B. Tahar, A.D. Eddine, D. Sofiane //J. Mater. Environ. Sci. –2018. – №7. –P. 2153-2157.

АННОТАЦИЯ

на диссертацию автореферат Раджабова Файзали Файзуллоевича на тему «Сравнительная оценка терапевтической эффективности координационных соединений иммунноактивных низкомолекулярных пептидов с ионами серебра, меди (II) и цинка (II)» на соискание ученой степени кандидата химических наук по специальности 1.4. – Химия (1.4.12. – Биоорганическая химия)

Ключевые слова инфекционный ринотрахеит, вакцинопрофилактика, лечение, тимогар, препарат, мед, цинк, биохимия, химия, биология, пептид, ИРТ, вирус, болезнь, серебро.

Актуальность темы исследования. Подобно природным биологически активным веществам за последнее время разработано заметное количество синтетических лекарственных средств. Большую часть среди них занимают иммуномодулирующие препараты, в том числе на основе пептидов тимусного происхождения. Наиболее эффективны препараты, содержащие в качестве действующих веществ пептиды, аналогичные или обладающие активностью тимусных гормонов. В экстрактах тимуса содержатся триптофан - и лизинсодержащие дипептиды, обладающие иммунотропной активностью. Эти пептиды оказывали самое сильное активирующее действие на выработку Т-хелперов, но не влияли на выработку Т-супрессоров, кроме дипептида H-Ile-Trp-OH. Многие пептиды послужили основой для разработки на их основе новых иммуномодулирующих препаратов, оказывающих модулирующее влияние на различные звенья иммунитета и вследствие этого оказавшиеся высокоэффективными при лечении различных заболеваний. Примерами таких препаратов являются тимоген (H-Glu-Trp-OH), вилон (H-Lys-Glu-OH), тимогар (H-Ile-Trp-OH). Новым направлением в разработке иммуномодулирующих препаратов является получение координационных соединений иммуноактивных аминокислот и пептидов с металлами, играющими важную роль в функционировании иммунной системы, одними из которых являются железо и цинк. У таких комплексов отмечается более высокая специфическая активность и появляются новые виды биологической активности, обусловленные суммарной активностью пептидов и металлов.

Цель исследования изучение сравнительной эффективности КСИАА аргинина и триптофансодержащего дипептида изолейцил-триптофан с ионами цинка, меди и серебра при различных иммунодефицитных состояниях.

Объектами исследования являются лабораторные (белые мыши, кролики) и сельскохозяйственные (телята) животные, а также больные псориазом люди.

Предметом исследования является препарат и координационные соединения иммуноактивной аминокислоты аргинин и дипептида изолейцил-триптофан с цинком, серебром и медью.

Методы исследования. В работе использованы методы изучения токсических свойств лекарственных препаратов, методы биохимического анализа крови.

Аппаратура: персональные компьютеры типа IBM PC, различные сервера.

Научная новизна исследования. Впервые получены координационные соединения иммуноактивной аминокислоты аргинин с цинком, серебром и медью, показано, что они обладают иммунологической активностью и могут применяться при лечении различных заболеваний вирусной и бактериальной природы.

Практическая ценность и реализация результатов. Полностью могут найти применение результаты, касающиеся вакцинопрофилактики и лечения инфекционного ринотрахеита и вирусной диареи молодняка крупного рогатого скота и лечения псориаза и гепатита.

Область применения. Результаты могут найти применение в ветеринарии при вакцинопрофилактике и лечении инфекционного ринотрахеита и вирусной диареи молодняка крупного рогатого скота и в медицине при лечении псориаза и гепатита.

АННОТАТСИЯИ

диссертатсияи Раҷабов Файзалӣ Файзуллоевич «Арзёбии муқоисавии амаранокии терапевтии пайвастаҳои мутобиқатии пептидҳои сироятнопазири фаъолу пастмолекулавӣ бо ионҳои нуқра, мис ва руҳ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4. – Химия (1.4.12. – Химияи биоорганикӣ)

Калидвожаҳо: ринотрахеити сироятӣ, пешгирии ваксина, табобат, тимотсин, тимогар, препарат, асал, руҳ, биохимия, химия, биология, пептид, ИРТ, вирус, беморӣ, нуқра.

Мубрамии мавзуи диссертатсия. Вақтҳои охир миқдори намоёни доруҳои синтетикӣ ба монанди моддаҳои табиии биологӣ таҳия карда шудаанд. Аксари онҳо доруҳои иммуномодуляторӣ буда, аз ҷумла доруҳое мебошанд, ки ба пептидҳои пайдоиши тимикӣ асос ёфтаанд. Доруҳои аз ҳама самарабахш доруҳое мебошанд, ки дорои пептидҳо ҳамчун моддаҳои фаъол буда ба онҳо монанданд ё фаъолияти гормонҳои тимус доранд. Дар ҷавҳари тимус триптофан ва дипептидҳои дорои лизин бо фаъолияти иммунотропӣ мавҷуд мебошанд. Ин пептидҳо ба истеҳсоли Т-хелперҳо таъсири пурқувваттарини фаъолкунанда доштанд, аммо ба истихроҷи Т-супрессорҳо, ба истиснои дипептиди H-Ile-Trp-OH, таъсир нарасонданд. Бисёр пептидҳо ҳамчун асоси таҳияи доруҳои нави иммуномодулятсионӣ дар заминаи онҳо хидмат карданд, ки ба пайвандҳои гуногуни системаи масуният таъсири модулятсионалӣ мерасонанд ва дар натиҷа дар табобати бемориҳои гуногун самаранокии баланд нишон доданд. Намунаҳои чунин доруҳо тимоген (H-Glu-Trp-OH), вилон (H-Lys-Glu-OH), тимогар (H-Ile-Trp-OH) мебошанд. Самти нави рушди доруҳои иммуномодуляторӣ тайёр кардани пайвастагиҳои координатсионии аминокислотаҳо ва пептидҳо хусусан бо металлҳои оҳан ва руҳ мебошанд, ки дар фаъолияти системаи иммунӣ нақши муҳим мебозанд. Чунин комплексҳо фаъолияти мушаххаси баландтар доранд ва аз ҳисоби фаъолияти умумии пептидҳо ва металлҳо намудҳои нави фаъолияти биологӣ пайдо мешаванд.

Ҳадафи таҳқиқотро омӯзиши самаранокии муқоисавии пайвастагиҳои координатсионии аминокислотаи аргинин ва дипептиди триптофандори изолейтсил-триптофан бо ионҳои руҳ, мис ва нуқра дар ҳолатҳои норасоии масуният ташкил медиҳад.

Объекти тадқиқот ҳайвоноти лабораторӣ (мушҳои сафед, харгӯшҳо) ва ҳайвоноти кишоварзӣ (гӯсолаҳо), инчунин одам

они гирифтори псориаз мебошанд.

Мавзуи тадқиқот доруи тимотсин ва пайвастагиҳои координатсионии кислотаи аминокислотаи аргинин ва дипептиди изолейтсил-триптофан бо руҳ, нуқра ва мис мебошанд.

Усулҳои таҳқиқот. Дар таҳқиқот усулҳои омӯзиши хосиятҳои токсикии доруҳо, усулҳои таҳлили биохимиявии хун истифода шудаанд.

Сахтафзор: компютери фардии навъи IBM PC, серверҳои гуногун.

Навгониҳои илмии тадқиқот. Аввалин маротиба пайвастагиҳои координатсионии аминокислотаи аргинин бо руҳ, нуқра ва мис ба даст оварда шуданд; нишон дода шуд, ки онҳо фаъолияти иммунологӣ доранд ва метавонанд дар табобати бемориҳои гуногуни хусусияти вирусӣ ва бактериявидошта истифода шаванд.

Дараҷаи татбиқ. Натиҷаҳои марбут барои пешгирии ваксина ва табобати ринотрахеитҳои сироятӣ ва дарунравии вирусии чорвои ҷавон ва табобати псориаз ва гепатит метавонанд пурра татбиқ карда шаванд.

Соҳаи истифода. Натиҷаҳо метавонанд дар соҳаи тибби байторӣ дар пешгирӣ ва табобати ринотрахеитҳои сироятӣ ва дарунравии вирусии чорвои ҷавон ва дар соҳаи тиб дар табобати псориаз ва гепатит истифода бурда шаванд.

ANNOTATION

for the dissertation of Rajabov Fayzali Fayzulloevich on the topic «Comparative evaluation of the therapeutic efficacy of coordination compounds of immunoactive low-molecular-weight peptides with silver, copper (II), and zinc (II) ions» for the degree of candidate of chemical sciences in specialty 1.4. – Chemistry (1.4.12. – Biooganic chemistry)

Key words: infectious rhinotracheitis, vaccine prophylaxis, treatment, thymocin, timoarg, preparation, copper, zinc, biochemistry, chemistry, biology, peptide, IRT, virus, disease, silver.

Relevance of the research topic. A noticeable number of synthetic drugs have been developed recently, similar to natural biologically active substances. Most of them are immunomodulatory drugs, including those based on peptides of thymic origin. The most effective are preparations containing peptides as active substances that are similar or have the activity of thymus hormones. Thymus extracts contain tryptophan - and lysine-containing dipeptides with immunotropic activity. These peptides had the strongest activating effect on the production of T-helpers, but did not affect the production of T-suppressors, except for the H-Ile-Trp-OH dipeptide. Many peptides served as the basis for the development on their basis of new immunomodulatory drugs that have a modulating effect on various links of the immune system and, as a result, have proved to be highly effective in the treatment of various diseases. Examples of such drugs are thymogen (H-Glu-Trp-OH), vilon (H-Lys-Glu-OH), thymogar (H-Ile-Trp-OH). A new direction in the development of immunomodulatory drugs is the preparation of coordination compounds of immunoactive amino acids and peptides with metals that play an important role in the functioning of the immune system, some of which are iron and zinc. Such complexes have a higher specific activity and new types of biological activity appear, due to the total activity of peptides and metals.

The aim of the study was to study the comparative effectiveness of coordination compounds of the immunoactive amino acid arginine and the tryptophan-containing dipeptide isoleucyl-tryptophan with zinc, copper and silver ions in various immunodeficiency states.

The object of the study. The object of the study is laboratory (white mice, rabbits) and agricultural (calves) animals, as well as people with psoriasis.

The subject of research is the preparation of thymocin and coordination compounds of the immunoactive amino acid arginine and the dipeptide isoleucyl-tryptophan with zinc, silver and copper.

Research methods. Methods for studying the toxic properties of drugs, methods of biochemical blood analysis were used in the work.

Hardware: personal computers such as IBM PC, various servers.

Scientific novelty of the research. For the first time, coordination compounds of the immunoactive amino acid arginine with zinc, silver and copper were obtained; it was shown that they have immunological activity and can be used in the treatment of various diseases of a viral and bacterial nature.

The degree of application. The results concerning vaccine prevention and treatment of infectious rhinotracheitis and viral diarrhea of young cattle and the treatment of psoriasis and hepatitis can be fully applied.

Application area. The results can find application in veterinary medicine in the prevention and treatment of infectious rhinotracheitis and viral diarrhea of young cattle and in medicine in the treatment of psoriasis and hepatitis.